ҶАМЪИЯТИ ДОРОИ МАСЪУЛИЯТИ МАҲДУД ТАШКИЛОТИ АМОНАТИИ ҚАРЗИИ ХУРД “ПАЙВАНД ГУРУҲ”

Ҳисоботи молиявӣ
барои соле, ки 31 декабри соли 2022 анҷом ёфт

ва ҳисоботи аудиторони мустақил

ҶАМЪИЯТИ ДОРОИ МАСЪУЛИЯТИ МАҲДУД ТАШКИЛОТИ АМОНАТИИ ҚАРЗИИ ХУРД “ ПАЙВАНД ГУРУҲ ”

МУНДАРИҶА

	Сахифа
ИЗҲОРОТИ РОҲБАРИЯТ ОИДИ МАСЪУЛИЯТИ ИҶРОИШ ВА ТАСДИҚИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2022 БА ОХИР РАСИД:	3
ҲИСОБОТИ АУДИТОРОНИ МУСТАҚИЛ	4-6
ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2022 АНҶОМ ЁФТ:	
Ҳисобот оиди фоида ё зарар ва даромади дигари муштарак	7
Ҳисобот оиди вазъи молиявӣ	8
Ҳисобот оиди тағйиротҳо дар сармоя	9
Ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ	10-11
Тавзеҳот ба ҳисоботи молиявӣ	12-52

ҶДММ ТАҚХ “ПАЙВАНД ГУРУҲ”

ИЗҲОРОТИ РОҲБАРИЯТ ОИДИ МАСЪУЛИЯТИ ИҶРОИШ ВА ТАСДИҚИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2022 БА ОХИР РАСИД

Тасдиқоти дар поён овардашуда, ки бояд бо тавсифи ӯҳдадориҳои аудиторони мустақил якҷоя баррасӣ гардад, барои гузоштани ҳудуд байни масъулияти аудиторони мустақил ва масъулияти роҳбарият нисбати ҳисоботи молиявии ҶДММ ТАҚХ «Пайванд Гуруҳ» (минбаъд - «Ташкилот») ба амал оварда шудааст.

Роҳбарияти Ташкилот барои омодакунии ҳисоботи молиявӣ масъулият ба зимма мегирад, ки он вазъи молиявӣ, натиҷаҳои фаъолият, гардиши воситаҳои пулӣ ва тағйирот дар сармояи Ташкилот баамаломадаро дар давоми соле, ки 31 декабри соли 2022 анҷом ёфтааст, мутобиқи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (минбаъд - СБҲМ) ба таври воқеъбинона ва ҳамаҷиҳата инъикос намудааст.

Дар рафти омодакунии ҳисоботи молиявӣ роҳбарият барои иҷроиши корҳои зерин масъулият ба зимма мегирад:

- интихоби принсипҳои муносиби баҳисобгирии муҳосибӣ ва истифодаи пайдарҳами онҳо;
- истифодаи баҳогузорӣ ва ҳисобу китоби асоснок;
- риояи талаботҳои СБҲМ;
- омодакунии ҳисоботи молиявӣ аз нуқтаи назари имконпазирии фарзияе, ки Ташкилот фаъолияти худро дар оянда низ давом дода метавонад (ба истиснои ҳолатҳое, ки амалидошти чунин фарзия бо қонун манъ карда шудааст).

Роҳбарият барои иҷроиши корҳои зерин низ масъулият ба зимма мегирад:

- таҳияву татбиқ кардан ва таъмин намудани амалкарди самаранок ва боэътимоди низоми назорати дохилӣ дар Ташкилот;
- истифода намудан аз низоми баҳисобгирии муҳосибие, ки имкон медиҳад ҳар лаҳза дар бораи вазъи молиявии Ташкилот маълумоти ба дараҷаи кофӣ аниқ омода гардида, мутобиқати ҳисоботи молиявӣ ба талаботи СБҲМ таъмин карда шавад;
- бурдани баҳисобгирии муҳосибӣ дар мувофиқа бо қонунгузорӣ ва стандартҳои баҳисобгирии муҳосибии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботҳои Бонки миллии Тоҷикистон;
- ҷиҳати таъмини ҳифзи дороиҳои Ташкилот дар доираи салоҳияти худ чораандешӣ намудан; ва
- ошкор намудан ва пешгирӣ кардани ҳодисаҳои қаллобиву фиребгарӣ, хатоҳо ва сӯиистифодабариҳо.

Ҳисоботи молиявии мазкур барои соле, ки 31 декабри соли 2022 анҷом ёфтааст, аз ҷониби Роҳбарияти Ташкилот дар таърихи 30 марти соли 2023 тасдиқ карда шуд.

Аз номи Роҳбарияти Ташкилот:

Накхатзода Мохбону
Директор

30 марти соли 2023
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

Абдуллоев Фаррух
Сармуҳосиб

30 марти соли 2023
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

bakertilly

Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, 734025
кӯч. Бохтар 37/1, офис 501

T: + 992 (44) 600 46 55
contact@bakertilly.tj
www.bakertilly-ca.com

ҲИСОБОТИ АУДИТОРОНИ МУСТАҚИЛ

Ба Муассисон, Шӯрои нозирон ва Роҳбарияти ҶДММ ТАҚХ "Пайванд Гуруҳ":

Ақидаи аудитор бо эзоҳ

Мо аудити ҳисоботи молиявии замимагардидаи Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Ташкилоти амонатии қарзии хурди " Пайванд Гуруҳ " (минбаъд – "Ташкилот")-ро ба амал овардем, ки он ҳисоботҳои зеринро дар бар мегирад: ҳисобот оиди вазъи молиявӣ ба ҳолати 31 декабри соли 2022, ҳисобот оиди фоида ва зарар ва маҷмӯи даромадҳои ғайр, ҳисобот оиди тағйиротҳо дар сармоя ва ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ дар давоми соле, ки дар таърихи зикргардида ба анҷом ёфтааст; инчунин ҳисоботи мазкур ошкоркунии принсипҳои асосии сиёсати баҳисобгирӣ ва тавзеҳоти дигарро дар бар мегирад.

Аз рӯи ақидаи мо, ба истиснои оқибатҳои имконпазири масъалаҳои дар банди "Замина барои акида бо эзоҳ" дарҷгардида, ҳисоботи молиявии замимашаванда вазъи молиявии Ташкилотро ба ҳолати 31 декабри соли 2022, инчунин натиҷаи фаъолият ва ҳаракати воситаҳои пулиии онро дар соле, ки дар санаи ишорагардида анҷом ёфтааст, мутобиқи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) ба таври эътимодбахш ва ҳамаҷониба инъикос намудааст.

Замина барои ақида бо эзоҳ

Мо дар барӯихатгирии воситаҳои пулӣ дар хазина, захираҳои молию моддӣ ва воситаҳои асосӣ ба санаи 31 декабри соли 2022 иштирок накардем, зеро ин сана воқеан пеш аз таъин шудани мо ба ҳайси аудиторон буд. Гузаронидани ҷараёни аудит барои қонеъ шудан бо дурустии нишондиҳандаҳои воситаҳои пулӣ дар хазина, захираҳои молию моддӣ ва воситаҳои асосӣ ба санаи 31 декабри соли 2022, ки онҳо ба нишондиҳандаҳои ҳисобот оиди вазъи молиявӣ, натиҷаи амалиётҳо, тағйирот дар сармоя ва гардиши воситаҳои пулӣ барои соле, ки 31 декабри соли 2022 анҷом ёфтааст таъсири ҷиддӣ мерасонанд, имконнопазир буд.

Ҳисоботи молиявии Ширкат барои соле, ки 31 декабри соли 2021 ва 2020 анҷом ёфтааст мавриди санҷиш аудит қарор дода нашуда аст. Мо ба санаи 31 декабри соли 2021 ва 2020 барои моддаҳои вазъи молиявӣ расмиёти маҳдуди аудит гузарондем, зеро ин маблағи бақия дар ҳисоботи молиявии пешниҳодшуда ворид карда шудаанд, вале мо ақидаи худро дар бораи бақияи ҳисоботи вазъи молиявии 31 декабри соли 2021 ва 2020 изҳор намекунем

Ба санаи 31 декабри соли 2022 ва 2021 дар ҳисобот оиди вазъи молиявиии Ташкилот ҳисобҳо барои қабул мутаносибан 10,901 ҳазор сомони ва 11,140 ҳазор сомони нишон дода шудааст.Ташкилот барои ҳисобҳо барои қабул талафоти чашмдошти қарзи мувофиқи стандарти МСФО 9 Воситаҳои молиявӣ ҳисоб намекунад. Татбиқи расмиёти алтернативии аудити барои ҳисоб ва эътирофи талафоти чашмдошти қарзи барои ҳисобҳо барои қабул, ки мутобиқи СБҲМ 9 кофӣ буданд, ғайриимкон буд. Дар натиҷаи ин ҳолатҳо, мо натавонистем муайян кунем, ки чӣ гуна тасҳеҳотро дар робита ба арзёбии захираҳо барои ҳисобҳо барои қабул барои талафоти чашмдошти қарзи барои риояи СБҲМ 9 ба санаи 31 декабри соли 2022 лозим шуда метавонистанд.

Мо аудитро мутобиқи Стандартҳои байналмилалии аудит ба амал овардем (минбаъд – "СБА"). Масъулияти мо мутобиқи ин стандартҳо минбаъд дар ақидаи мо дар қисмати "Масъулияти аудиторон нисбати ҳисоботи молиявӣ" шарҳ дода мешавад. Мо аз Ташкилот тибқи "Кодекси одоби муҳосибони касбӣ"-и Шӯрои стандартҳои байналмилалии одоби муҳосибон (минбаъд "Кодекси ШСБОМ") ва талаботҳои одобие, ки ба аудити мо нисбати ҳисоботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дахл дорад, мустақил мебошем ва дигар ӯҳдадориҳои одобиро тибқи ҳамин талаботҳо ва кодекси ШСБОМ иҷро намудем. Мо гумон дорем, ки далелҳои аудитории дастраснамудаи мо кифоянд, то ин ки мо дар бораи ҳисоботи молиявии мазкур ақидаи муайяни худро ифода карда тавонем.

Бандҳое, ки диққат ҷалбкунандаанд

Қарзҳо ба мизоҷон

Ба ақидаи худ эрод нанамуда, мо таваҷҷуҳи шуморо ба Эзоҳи 11 «Қарзҳои ба мизоҷон додашуда»-и ҳисоботи молиявӣ ҷалб менамоем. Ба санаи 31 декабри соли 2022 Қарзҳои ба мизоҷон додашудаи Ташкилот 29 ҳазор сомони ташкил намудааст, ки оид ба ин қарзхо захираи талафотҳои имконпазир ташкил накардааст.

Масъулияти роҳбарият ва шахсони масъул нисбати идоракунии корпоративӣ ва ҳисоботи молиявӣ

Роҳбарият барои омодакунии ҳисоботи молиявӣ ва мутобиқати он ба СБҲМ масъулият ба зимма дорад. Масъулияти мазкур инҳоро дар бар мегирад: таъсис додан, татбиқ намудан ва дастгирӣ кардани назорати дохилӣ аз рӯи омодакунӣ ва аниқу воқеӣ пешниҳод кардани ҳисоботи молиявӣ бидуни таҳрифи назаррасе, ки дар натиҷаи сӯиистифодаи молиявӣ ва хатоҳо ба амал омада бошанд. Дар омодакунии ҳисоботи молиявӣ роҳбарият оиди баҳогузории қобилияти Ташкилот барои фаъолияти қатънашаванда, ошкоркунии масъалаҳои ба фаъолияти қатънашаванда татбиқкунанда, истифодаи принсипҳои асосии баҳисобгирии Ташкилотҳои фаъолияташон қатънашаванда масъулиятнок мебошад, танҳо ба истиснои мавридхое, ки роҳбарият нияти барҳамдихии Ташкилот, қатъ намудани амалиётҳо ё бе мавҷудияти ягон асоси воқеӣ ба ҳамин тавр рафтор карданро дошта бошад. Шахсони масъул нисбати идоракунии корпоративӣ ҳамчунин барои назорати ҷараёни ҳисоботи молиявии Ташкилот масъулиятнок ба ҳисоб мераванд.

Масъулияти аудиторон нисбати аудити ҳисоботи молиявӣ

Мо аудитро бо мақсади ба даст овардани эътимоди қавӣ бобати он ки ҳисоботи молиявӣ таҳрифоти назаррас надорад, амалӣ намудаем ва ҳисоботи молиявии ки ақидахои моро иброз менамоянд, пешниҳод менамоем. Боварии қатъӣ сатҳи баланди боварӣ мебошад, лекин кафолат намедихад, ки аудит дар асоси СБА хамеша тахрифоти назаррасро ошкор месозад. Таҳрифоти назарраси ҳисоботи молиявӣ дар натиҷаи сӯиистифодаи молиявӣ ва ё содир намудани хатоҳо ба амал омада, дар мавриде назаррас ҳисобида мешавад, агар онҳо дар алохидагӣ ё ҳамбастагӣ тавонанд ба қарорҳои иқтисодии шахсони ба таҳияи ҳисоботи молиявӣ машғул буда, таъсир расонанд.

Дар доираи гузаронидани аудит мутобиқи СБА мо тибқи доварии касбӣ амал намуда, скептисизми касбиро дар тамоми муддати тафтиши аудиторӣ таъмин менамоем. Мо инчунин:

- таҳрифоти назаррас дар ҳисоботи молиявӣ, ки дар натиҷаи сӯиистифодаи молиявӣ ва хатоҳо ба амал меоянд муайян ва баҳоргузорӣ намудем, расмиёти аудити ба чунин хавфҳо ҷавобгӯро таҳия ва иҷро намудем, инчунин далелҳое, ки барои ифода намудани ақидаи аудиторӣ кофӣ ва заруранд дастрас намудем. Хавфи муайян накардани таҳрифоти назаррасе, ки дар натиҷаи роҳ додан ба хатогиҳо, инчунин, сӯиистифодаи молиявӣ ба миён меоянд, метавонад маслиҳатӣ, сохтакорӣ, таҳрифоти қасдан, ё пешгӯии назорати дохилиро дар бар гирад;
- фаҳмиши назорати дохилии марбут ба аудитро бо мақсади таҳияи тартиби аудити шароити мувофиқ, на бо мақсади изҳори андеша оид ба самаранокии назорати дохилӣ Ташкилот, дастрас намудем;
- бамавқеъ будани сиёсати баҳисобгирии истифодашаванда, асоснок будани амалҳои роҳбарият ва баҳогузории пешниҳоди ҳисоботи молиявиро арзёбӣ намудем;
- доир ба мувофиқи мақсад истифода намудани асосҳои баҳисобгирии фаъолияти қатънашаванда аз тарафи роҳбарият дар асоси далелҳои аудит ба даст оварда шуда, мавҷудияти номуайянии моддӣ вобаста ба воқеаҳо ва ё шароитхое, ки метавонанд шубҳаи назаррасро оиди қобилияти Ташкилот ба фаъолияти қатънашаванда ба миён андозанд хулосадиҳӣ намудем. Агар мо оиди мавҷудияти номуайянии моддӣ хулоса барорем, ба мо лозим аст дар ҳисоботи аудитории худ диққатро доир ба эзоҳоти марбут ба ҳисоботи молиявӣ талаб намоем, ё дар мавриди нокифоя будани эзоҳоти марбут, андешаи худро тағйир диҳем. Хулосаҳои мо бо далелҳои аудитории дастраснамуда ба санаи пешниҳоди ҳисоботи аудиторӣ асос ёфтаанд. Бо вуҷуди ин, воқеаҳо ва ё шароитҳои оянда метавонанд сабабгори ба итмом расидани фаъолияти қатънашандаи Ташкилот гарданд;
- пешниҳоди умумӣ, сохтор ва мазмуни ҳисоботи молиявӣ, аз ҷумла эзоҳотро арзёбӣ намудем ва мувофиқаткунии пешниҳоди амалиётҳои асосӣ ва чорабиниҳо аз тарафи ҳисоботи молиявиро нисбат ба пешниҳоди одилона муайян намудем.

Мо бо шахсони масъул нисбати идоракунии корпоративӣ дар доираи нақша ва мӯҳлати гузаронидани санҷиш ва хулосаҳои назарраси аудит, аз ҷумла ҳар гуна камбудиҳои назаррас дар назорати дохилӣ, ки мо дар давоми аудит муайян кардем, муошират намудем.

Мо инчунин ба шахсони масъул нисбати идоракунии корпоративӣ далелҳои иҷро намудани талаботҳои новобастагии худро тибқи талаботҳои одобӣ пешниҳод намуда, бо тамоми масъалаҳои дигари ба новобастагии мо дахлдор бо онҳо муошират намудем ва дар мавридҳои лозим чораҳои муфид пешниҳод намудем.



Хайруллоев Фирдавс

Директор,

ҶДММ «Бейкер Тилли Тоҷикистон»

Иҷозатномаи № 000014 аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон дода шудааст.

30 марти соли 2023
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҶДММ ТАҚХ“ПАЙВАНД ГУРУҲ”

ҲИСОБОТ ОИДИ ФОИДА Ё ЗАРАР ВА ДАРОМАДИ ДИГАРИ МУШТАРАК БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2022 АНҶОМ ЁФТААСТ

(бо ҳазор сомонии тоҷикӣ)

	Эзоҳ	Барои соле, ки 31 декабри соли 2022 анҷом ёфтааст	Барои соле, ки 31 декабри соли 2021 анҷом ёфтааст (санҷиш нашуда)
Даромадҳои фоизӣ	4	12	-
Хароҷотҳои фоизӣ	4	(45)	(50)
ЗАРАРИ СОФИ ФОИЗӢ		(33)	(50)
Даромадҳои комиссионӣ	5	18,113	15,197
Хароҷотҳои комиссионӣ	5	(9,483)	(9,503)
ДАРОМАДИ СОФИ КОМИССИОНӢ		8,630	5,694
Даромад/(зарари) соф аз рӯи амалиётҳо бо асъори хориҷӣ	6	203	(6)
Ҳисобкунии захира оид ба беқурбшавии воситаҳо дар бонкҳо		27	(84)
Дигар зарарҳои ғайриамалиётӣ, холис		(15)	(40)
ДАРОМАДИ СОФИ ҒАЙРИФОИЗӢ		8,845	5,564
Хароҷотҳои амалиётӣ	7	(5,684)	(2,977)
ФОИДА ТО АНДОЗ АЗ ФОИДА		3,128	2,537
Хароҷоти андоз аз фоида	8	(585)	(630)
ФОИДА ДАР ДАВОМИ СОЛ		2,543	1,907
Дигар даромади муштарак		-	-
ҲАМАГӢ ДАРОМАДИ МУШТАРАК		2,543	1,907

Аз номи Роҳбарияти Ташкилот:

Накхатзода Мохбону
Директор

30 марти соли 2023
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

Абдуллоев Фаррух
Сармуҳосиб

30 марти соли 2023
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тавзеҳоти дар саҳифаҳои 12-52 овардашуда қисми ҷудонопазири ҳисоботи молиявии мазкур мебошанд. Ҳисоботи аудиторони мустақил дар саҳифаҳои 4-6 оварда шудааст

ҶДММ ТАҚХ "ПАЙВАНД ГУРУҲ"

ҲИСОБОТ ОИДИ ВАЗЪИ МОЛИЯВӢ БА ҲОЛАТИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2022

(бо ҳазор сомонии тоҷикӣ)

	Эзоҳ	31 декабри с. 2022	31 декабри с. 2021 (санҷиш нашуда)
ДОРОИҲО:			
Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо	9	4,309	84
Захираҳои ҳатмӣ дар Бонки Миллии Тоҷикистон		98	-
Воситаҳо дар бонкҳо	10	2,205	5,810
Қарзҳои ба мизоҷон додашуда	11	29	-
Ҳисобҳо барои қабул	15	10,901	11,140
Воситаҳои асосӣ	12	3,604	466
Дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ	13	163	263
Дороиҳои ғайримоддӣ	14	1,471	1,405
Дороиҳои андозии мавқуфгузошташуда	8	38	32
Дороиҳои дигар	16	1,442	57
ҲАМАГӢ ДОРОИҲО		24,260	19,257
ӮҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ			
ӮҲДАДОРИҲО			
Воситаҳои бонкҳо ва ташкилотҳои молиявӣ	17	10,071	7,323
Амонатҳои мизоҷон	18	719	-
Ҳисобҳо барои пардохт	19	3,190	4,141
Ӯҳдадориҳо аз рӯи иҷора	13	176	294
Ӯҳдадориҳо аз андозҳо	20	52	361
Дигар ӯҳдадориҳо	21	97	26
		14,305	12,145
САРМОЯ			
Сармояи оинномавӣ	22	6,300	6,000
Захираҳои умумӣ		1,533	-
Фоидаи тақсимнашуда		2,122	1,112
		9,955	7,112
ҲАМАГӢ ӮҲДАДАРИҲО ВА САРМОЯ		24,260	19,257

Аз номи Роҳбарияти Ташкилот:

Накхатзода Мохбону
Директор

30 марти соли 2023
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

Абдуллоев Фаррух
Сармуҳосиб

30 марти соли 2023
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тавзеҳоти дар саҳифаҳои 12-52 овардашуда қисми ҷудонопазири ҳисоботи молиявии мазкур мебошанд. Ҳисоботи аудиторони мустақил дар саҳифаҳои 4-6 оварда шудааст

ҶДММ ТАҚХ “ПАЙВАНД ГУРУҲ”

ҲИСОБОТ ОИДИ ТАҒЙИРОТ ДАР САРМОЯ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2022 АНҶОМ ЁФТААСТ

(бо ҳазор сомонии тоҷикӣ)

	Эзоҳ	Сармояи оинномавӣ	Захираҳои умумӣ	Фоидаи тақсимнашуда	Сармояи умумӣ
Бақия ба 31 декабри с. 2020 (санҷишнашуда)	22	680	-	868	1,548
Афзоиши сармояи оинномави		5,320	-	(1,663)	3,657
Фоида дар давоми сол		-	-	1,907	1,907
Бақия ба 31 декабри с. 2021 (санҷишнашуда)	22	6,000	-	1,112	7,112
Афзоиши сармояи оинномави		300	-	-	300
Ҳисса ҷудошавӣ ба захираи умумӣ аз рӯи қарзҳои хизматрасонишаванда		-	1,533	(1,533)	-
Фоида дар давоми сол		-		2,543	2,543
Бақия ба 31 декабри с. 2022	22	6,300	1,533	2,122	9,955

Аз номи Роҳбарияти Ташкилот:

Накхатзода Мохбону
Директор
30 марти соли 2023
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

Абдуллоев Фаррух
Сармуҳосиб
30 марти соли 2023
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тавзеҳоти дар саҳифаҳои 12-52 овардашуда қисми ҷудонопазири ҳисоботи молиявии мазкур мебошанд. Ҳисоботи аудиторони мустақил дар саҳифаҳои 4-6 оварда шудааст

ҶДММ ТАҚХ "ПАЙВАНД ГУРУҲ"

ҲИСОБОТ ОИДИ ҲАРАКАТИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2022 АНҶОМ ЁФТААСТ

(бо ҳазор сомонии тоҷикӣ)

	Эзоҳ	Барои соле, ки 31 декабри соли 2022 анҷом ёфтааст	Барои соле, ки 31 декабри соли 2021 анҷом ёфтааст (санҷишнашуда)
ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ АЗ РӮИ ФАЪОЛИЯТИ АМАЛИЁТӢ:			
Фоида то баҳисобгирии хароҷотҳои андоз аз фоида		3,128	2,537
Тасҳеҳот оиди:			
Ҳаракат дар захираҳо барои зараи эҳтимолии қарзӣ оиди воситаҳо дар бонкҳо	7	(27)	84
Истеҳлоки дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ	8,14	305	214
Даромад аз тағйир додани шартномаҳои иҷора		(2)	-
Истеҳлоки воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ	8,13	409	226
Ҳаракат дар захираҳо оиди рухсатии истифоданашуда	8,18	72	6
Фарқияти қурбӣ оиди амалиётҳо бо асъори хориҷӣ	6	24	-
Зарари софи фоизи воситаҳои молиявӣ	4,14	33	50
Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ то тағйиротҳо дар дороиҳо ва ӯҳдадориҳои амалиётӣ		3,942	3,117
Тағйиротҳо дар дороиҳо ва ӯҳдадориҳои амалиётӣ (Афзоиши) / камшавии дар дороиҳои амалиётӣ:			
Воситаҳои бонкҳо		(71)	(84)
Қарзҳои ба мизоҷон		(28)	-
Дигар дороиҳо		(1,385)	(31)
(Камшавии)/ афзоиши дар ӯҳдадориҳои амалиётӣ:			
Амонатзои мизоҷон		751	-
Воситаҳои бонкҳо ва ташкилотҳои молиявӣ		2,748	7,323
Ҳисобҳо барои пардохт		(983)	(3,350)
Ӯҳдадориҳо аз андозҳо		(309)	(39)
Дигар ӯҳдадориҳо		(27)	(265)
Воридшавии воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ то андозбандӣ		4,638	6,671
Фоизҳои бадастовардашуда		11	-
Фоизҳои пардохтгардида аз рӯи ӯҳдадориҳои иҷоравӣ	14	(2)	-
Андоз аз фоидаи пардохтшуда		(573)	(631)
Воридшавии софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ		4,074	6,040

ҶДММ ТАҚХ "ПАЙВАНД ГУРУҲ"

ҲИСОБОТ ОИДИ ҲАРАКАТИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2022 АНҶОМ ЁФТААСТ (ДАВОМИ ҲИСОБОТ)

(бо ҳазор сомонии тоҷикӣ)

	Эзоҳ	Барои соле, ки 31 декабри соли 2022 анҷом ёфтааст	Барои соле, ки 31 декабри соли 2021 анҷом ёфтааст (санҷишнашуда)
ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ АЗ РӮИ ФАЪОЛИЯТИ ИНВЕСТИТСИОННӢ:			
Хариди воситаҳои асосӣ	13	(3,365)	(195)
Хариди дороиҳои ғайримоддӣ	13	(248)	-
Хориҷшавии софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ:		(3,613)	(195)
ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ АЗ РӮИ ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВӢ:			
Афзоиши сармояи оинномавӣ	20	300	3,657
Пардохти ӯҳдадориҳо аз рӯи иҷора	14	(368)	(234)
(Хориҷшави)/воридшавии софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ:		(68)	3,423
АФЗОИШИ СОФИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА МУОДИЛҲОИ ОНҲО		393	9,268
Таъсири тағйирёбии қурби асъори хориҷӣ ба воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо	6	(12)	7
ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА МУОДИЛҲОИ ОНҲО, дар аввали сол	10	17,034	7,759
ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА МУОДИЛҲОИ ОНҲО, дар охири сол	10	17,415	17,034

Аз номи Роҳбарияти Ташкилот:

Накхатзода Мохбону
Директор

30 марти соли 2023
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

Абдуллоев Фаррух
Сармуҳосиб

30 марти соли 2023
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тавзеҳоти дар саҳифаҳои 12-52 овардашуда қисми ҷудонопазири ҳисоботи молиявии мазкур мебошанд. Ҳисоботи аудиторони мустақил дар саҳифаҳои 4-6 оварда шудааст

1. ИТТИЛООТИ УМУМӢ

Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Пайванд Гуруҳ" (минбаъд–"Ташкилот") соли 2020дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст. ҶДММ «Пайванд Гуруҳ» 24 январи соли 2020 дар шӯъбаи бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии дар нохияи Синои шаҳри Душанбе Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуд.

Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Пайванд Гуруҳ" дар санаи 22 феврали соли 2021 дар асоси пайнавишти №3 ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Ташкилоти Амонатии Қарзии Хурд "Пайванд Гуруҳ" табдил дода шуда, 26 феврали соли 2021 дар шӯъбаи бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии дар нохияи Синои шаҳри Душанбе Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав ба қайд гирифта санаи 19 октябри соли 2021 иҷозатномаи Бонки Миллии Тоҷикистонро гирифтааст.

Ба санаи 31 декабри солҳои 2022 ва 2021, ҳайати муассисони Ташкилот чунин буд:

	31 декабря 2022 г.	хаҷми муассис	31 декабря 2021 г.	хаҷми муассис
Каноатов Бадриддин Шамсиддинович	2,205	35.00%	2,100	35.00%
Рахимова Мавлюда Муратовна	1,512	24.00%	1,440	24.00%
Назриев Чамшед Абдусамадович	882	14.00%	840	14.00%
Саидов Абдурахмон Норбоевич	630	10.00%	600	10.00%
Мардонов Хамид Мусохонович	441	7.00%	420	7.00%
Гулбоев Комил Фазлиддинович	315	5.00%	300	5.00%
ҶДММ "Хизматрасон 2017"	315	5.00%	300	5.00%
	6,300	100.00%	6,000	100.00%

Фаъолияти асосии Ташкилот пешниҳоди қарзҳо ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, ҷалби пасандозҳо, интиқоли пул ва пардохтҳои фаврӣ, инчунин таҳия, татбиқ ва дастгирии техникии қарорҳои инноватсионӣ барои соҳаҳои гуногуни истеҳсолӣ ва бахши молиявӣ мебошад.

Ташкилот аз рӯи суроғаи зерин ба қайд гирифта шуда, дар худи ҳамин суроға ҷойгир аст: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, ноҳияи Сино кучаи Деҳи Боло 180. Теъдоди кормандони Ташкилот ба санаи 31 декабри солҳои 2022 ва 2021 мутаносибан 50 ва 36 нафарро ташкил намуд.

Ҳисоботҳои молиявии мазкур дар санаи 30 марти соли 2023 аз тарафи Роҳбарияти Ташкилот тасдиқ карда шуд.

2. ПРИНСИПҲОИ ПЕШНИҲОДКУНИИ ҲИСОБОТ

Эъломияи мутобиқат

Ҳисоботи мазкури молиявии Ташкилот мутобиқи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (минбаъд СБҲМ), ки аз ҷониби Кумитаи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ва тибқи Тавзеҳот, ки аз ҷониби Кумита оид ба шарҳи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ интишор гардидаанд, таҳия карда шудааст.

Асъори функционалӣ ва асъор барои пешниҳодкунӣ

Моддаҳое, ки ба ҳисоботи молиявии Ташкилот ворид карда шудаанд, бо истифода аз асъоре баҳогузорӣ карда мешаванд, ки онҳо моҳияти иқтисодии вазъу ҳолатҳои марбут ба Ташкилоти мазкурро аз ҳама беҳтар инъикос мекунанд (минбаъд- «асъори функционалӣ»). Сомонии тоҷикӣ

(минбаъд- «сомонӣ») асъори функсионалӣ ва асъор барои пешниҳодкунии ҳисоботи молиявии мазкур маҳсуб мегардад.

Ҳисоботи молиявии мазкур дар ҳазорҳо сомонӣ пешниҳод шудааст, агар муқаррароти дигар набошад. Ҳисоботи мазкури молиявӣ дар асоси принсипи арзиши таърихӣ таҳия гардидааст, ба истиснои баҳогузории воситаҳои алоҳидаи молиявӣ, ки аз рӯи арзиши одилона ба ҳисоб гирифта шудаанд.

3. ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ БАҲИСОБГИРӢ

Эътироф ва баҳодиҳии воситаҳои молиявӣ

Дороиҳои молиявӣ ва ӯҳдадориҳои молиявӣ дар ҳисобот оиди вазъи молиявии Ташкилот дар сурате инъикос меёбанд, ки агар Ташкилот аз рӯи шартнома нисбати воситаи марбутаи молиявӣ ҳамчун тараф баромад намояд. Ташкилот хариду фурӯши дороиҳои молиявӣ ва ӯҳдадориҳоро, ки хусусияти муттасилӣ доранд, аз рӯи санаи ҳисобикунӣ инъикос менамояд.

Дороиҳои молиявӣ ва ӯҳдадориҳо дар ибтидо аз рӯи арзиши одилона инъикос карда мешаванд. Арзиши ибтидоии дороиҳои молиявӣ ва ӯҳдадориҳое, ки онҳо дороиҳои молиявӣ ва ӯҳдадориҳои тавассути фоида ё зарар аз рӯи арзиши одилона баҳисобгирифташаванда нестанд, дар доираи маблағи хароҷоти амалиётӣ, ки бевосита бо харидорӣ ё таъсис додани дороии молиявӣ ва ё интишори ӯҳдадории молиявӣ вобастаанд, таҳрир карда мешаванд. Принсипҳои баҳогузории минбаъдаи арзиши дороиҳои молиявӣ ва ӯҳдадориҳо дар муқаррароти марбутаи сиёсати баҳисобгирӣ, ки дар поён пешниҳод мегарданд, шарҳ дода мешаванд.

Ташкилот дороиҳои молиявии худро ба категорияҳои асосии зерин тасниф кардааст:

- Дороиҳои молиявӣ, ки бо арзиши истеҳлокӣ баҳо дода мешавад;
- Дороиҳои молиявӣ, ки бо арзиши одилона тавассути дигар даромади муштарак (ДДМ) баҳо дода мешавад;
- Дороиҳои молиявӣ, ки бо арзиши одилона тавассути фоида ва зарар баҳо дода мешавад

Воситаҳои қарзӣ

Тасниф ва баҳисобгирии минбаъдаи воситаҳои қарзӣ вобаста аст аз:

а) Бизнес-модели Ташкилот, ки ҳангоми идораи воситаҳои қарзӣ истифода мебарад;
б) Хислати дороии молиявӣ, ки ба гардиши воситаҳои пулӣ тибқи шартнома пайваст аст;

Бизнес-модел

Бизнес-модел воситаеро муайян мекунад ки Ташкилот тавассути он дороиҳои молиявии худро барои ташкили воридоти воситаҳои пулӣ идора менамояд. Бизнес-модели истифодашуда, воридоти воситаҳои пулӣ дар натиҷаи қабули воситаҳои пулӣ дар асоси шартнома ё фуруши дороиҳои молиявӣ, ва ё дар натиҷаи ҳардуи амалиёт ба вуҷуд меоянд, муайян менамояд.

Ташкилот дар давоми фаъолият метавонад моделҳои гуногуни идоракунии дороиҳои молиявиро истифода барад. Тибқи стратегияи тараққиёти Ташкилот ва маҳдудияти механизмҳои бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешбинӣ мешавад, ки қисми зиёди дороиҳои молиявӣ дар чаҳорчубаи модели воридшавии воситаҳои пулии шартномавӣ нигоҳ дошта мешаванд

Шарти SPPI

Бо мақсади баҳодиҳии шартҳои дороии молиявӣ Ташкилот барои ҳар як дороии молиявӣ SPPI тест мегузаронад (минбаъд "тест SPPI"). Дар раванди гузаронидани ин баҳодиҳӣ Ташкилот мутобиқати воридшавии воситаҳои пулии шартномавӣ бо механизми асосии карздиҳиро, яъне фоизҳо танҳо арзишҳои муваққатии пул, хавфи қарзӣ, дигар хавфҳо ва фоидаҳои шартномаи асосии қарзро дар бар мегиранд, ба ҳисоб мегирад. Дар ҳолатҳои шартҳои шартномавӣ хавф ва ноустуворӣ, ки ба механизми асосии қарздиҳӣ мутобиқ дар бар мегиранд, дорои молиявӣ ҳамчун бо арзиши одилона тавассути фоида ва зарар баҳо додашаванда тасниф карда мешаванд.

Дар асоси ин омил Ташкилот воситаҳои қарзии худро ба се категорияи минбаъда тақсим мекунад:

Дороиҳои молиявӣ, ки бо арзиши истеҳлокӣ баҳо дода мешавад:

а) Дороиҳои молиявӣ, ки дар раванди бизнес модел нигоҳ дошта мешавад, ба мақсади нигоҳ доштани дороиҳо барои ворид намудани воситаҳои пулии дар шартнома мебошад. пешбинишудабо арзиши истеҳлокӣ баҳо дода мешавад.

б) Шартҳои шартномавии дороии молиявӣ дар муҳлати муайяншуда ворид шудани воситаҳои пулиро, ки асосан пардохти маблағи қарзи асосӣ ва фоиз аз қисми пардохт нашудаи қарзи асосӣ мебошанд, таъмин менамоянд.

Арзиши тавозунии ин дороиҳо вобаста ба зарарҳои қарзии пешбинишуда тасҳеҳ карда мешавад. Даромадҳои фоизӣ аз ин дороиҳои молиявӣ бо истифода аз усули меъёри самараноки фоизӣ ба "Даромадҳои фоизӣ" ҳамроҳ карда мешавад

Дороиҳои молиявӣ, ки бо арзиши одилона тавассути дигар даромади муштарак (ДДМ) баҳо дода мешавад:

а) Дорои дар раванди бизнес-модел, идоракунии дороиҳо бо мақсади ворид шудани воситаҳои пулии пешбинишуда дар асоси шартнома ва инчунин бо мақсади фуруши ин дороиҳои молиявӣ нигоҳ дошта мешавад.

б) Шартҳои шартномавии дороии молиявӣ дар муҳлати муайяншуда ворид шудани воситаҳои пулиро, ки асосан пардохти маблағи қарзи асосӣ ва фоиз аз қисми пардохт нашудаи қарзи асосӣ мебошанд, таъмин менамоянд.

Тағйирёбии арзиши тавозуни дар таркиби дигар даромадҳои муштарак эътироф карда мешавад. Эътирофи зарарҳои қарзии пешбинишуда, даромадҳои фоизӣ ва тағйирёбии арзиши асъори хориҷӣ дар таркиби фоида ва зарар мешавад. Вақти аз эътибор соқит намубани дорой, фоида ва зарари маҷмӯй дар дигар дороиҳои муштарак эътирофшуда ба фоида в зарар тасниф карда мешавад. Даромадҳои фоизӣ аз ин дороиҳои молиявӣ бо истифода аз усули меъёри самараноки фоизӣ ба "Даромадҳои фоизӣ" ҳамроҳ карда мешавад.

Дороиҳои молиявӣ, ки бо арзиши одилона тавассути фоида ва зарар баҳо дода мешавад:

Ташкилот дороиҳои молиявӣ, ки бо арзиши одилона тавассути фоида ва зарар баҳо дода мешавад ҳамон дороиҳои молиявиеро ворид мекунад, ки ба шартҳои ки бо арзиши истеҳлокӣ баҳо дода шаванда ва бо арзиши одилона тавассути дигар даромади муштарак (ДДМ) баҳо дода шаванда мутобиқ нест. Фоида ва зарари сармоягузории қарзӣ, ки бо арзиши одилона тавассути фоида ва зарар баҳо дода мешаванд ва ба таркиби воситаҳои хеджкунонӣ дохил намешаванд дар ҳисобот оиди фоида ва зарар ҳамчун "Даромадҳои софи тиҷоратӣ" дар ҳамон даврае, ки пайдо шуданд инъикос менамояд. Даромадҳои фоизӣ аз ин дороиҳои молиявӣ бо истифода аз усули меъёри самараноки фоизӣ ба "Даромадҳои фоизӣ" ҳамроҳ карда мешавад.

Ҳангоми эътирофи аввалияи дороии молиявӣ Ташкилот метавонад бо хоҳиши худ, бе ҳуқуқи аз нав таснифкунӣ, ҳамчун бо арзиши одилона тавассути фоида ва зарар баҳо додашаванда тасниф кунад, агар ин барои бартараф ё куллан кам намудани пайдарҳам набудани муносибат ба баҳодиҳӣ ва эътирофи дороиҳои молиявӣ, ки минбаъд аз якчанд асосҳои баҳодиҳии дорой ё ӯҳдадорӣ инчунин фоида ва зарари бо он вобаста ба вуҷуд меомад.

Дороиҳои молиявии ба ягон категория муайян нашуда ба категорияи дороиҳое, ки бо арзиши одилона тавассути фоида ва зарар баҳо дода мешавад, ворид карда мешавад.

Воситаҳои саҳомӣ

Ташкилот сармоягузориҳо ба воситаҳои саҳомиро бо арзиши одилона арзёбӣ мекунад, ки тағйироти он дар фоида ё зарар ба инобат гирифта мешавад, ба истиснои ҳолатҳое ки роҳбарияти Ташкилот дар эътирофи аввалин сармоягузориҳо дар таркиби арзиши одилона тавассути дигар даромадҳои муштарак ҳисоб карда шавад.

Фоида ё зарар аз сармоягузориҳо, ки бо дарназардошти арзиши одилона аз рӯи фоида ё зарар муайян шудаанд, дар дохили "Даромади софи тиҷоратӣ" дар ҳисобот оид ба фоида ва зарар сабт мешаванд.

Азнавгурӯҳбандӣ

Ташкилот дороиҳои молиявиро танҳо ва танҳо ҳангоми ба бизнес-модели барои идоракунии дороиҳои молиявӣ истифодашаванда, ки ба дороиҳои мазкур таъсир мерасонанд, тағйирот ворид намудан, ва агар ин тағйирот нисбат ба амалиётҳои Ташкилот назаррас бошад, азнавгурӯҳбандӣ карда мешавад. Агар Ташкилот дороиҳои молиявиро азнавгурӯҳбандӣ кунад, азнавгурӯҳбандӣ дурнамоёна аз рӯзи азнавгурӯҳбандӣ амалӣ мешавад. Ташкилот фоида, зарар ё фоизҳои пеш эътироф намудаашро аз нав ҳисоб намекунад.

Қатъ кардани эътирофкунии дороиҳо ва ӯҳдадориҳои молиявӣ

Нишон додани дороии молиявӣ (ё, агар роиҷ бошад, қисми дороии молиявӣ ё қисми гурӯҳи дороиҳои молиявӣ) вақте қатъ мешавад, ки:

- Амалкунии ҳуқуқи аз дорой гирифтани воситаҳои пулӣ қатъ шуд;
- Ташкилот ҳуқуқи аз дороиҳо гирифтани воситаҳои пулиро ба интиқол дод ё ҳуқуқи аз дорой гирифтани воситаҳои пулиро ба худ гузошт вале барои бе таъхири назарраси шахси сеюм аз руи созишномаи "гузариш" пардохт кардани онҳоро ба ӯҳда гирифт; ва
- Ташкилот ё (а) амалан ҳамаи хавфҳо ва даромадҳои дороиро интиқол дод, ё (б) интиқол надод, амалан ҳамаи хавфҳо ва даромадҳои дороиро дар худ нигоҳ надошт, вале назорати дороиро интиқол дод.

Тағйир додани гардиши пули нақд аз рӯи шартнома

Дар ҳолатҳое, ки ташкилот гардиши пули нақд аз рӯи шартномаи дороии молиявиро аз нав баррасӣ мекунад ё тағир медиҳад, ташкилот баҳо медиҳад, ки тағирот нисбат ба шартҳои аввал то чӣ андоза ҷиддитар ба амал омадааст.

Агар шартҳо аз ҷиҳати моддӣ фарқ кунанд, ташкилот дороии аслии молиявиро қатъ мекунад ва дороии молиявии навро бо арзиши одилона эътироф мекунад ва меъёри нави фоизии самарабахшро аз нав ҳисоб мекунад. Санаи аз нав баҳодиҳии беқурбшавӣ санаи аз нав баррасӣ кардани шартҳо, аз ҷумла бо мақсади муайян кардани афзоиши назарраси хавфи қарзӣ мебошад. Бо вуҷуди ин, ташкилот инчунин арзёбӣ мекунад, ки оё дороии молиявии нав эътирофшуда ҳангоми эътирофи аввал беқурбшуда ҳисобида мешавад, махсусан дар ҳолатҳое, ки баргардонидани он бо сабаби иҷро накардани пардохтҳои дар аввал мувофиқашуда аз ҷониби қарзгир ба амал омадааст. Тафовут дар арзиши тавозунии дороиҳои молиявӣ дар ҳисобот дар бораи фоида эътироф карда мешавад.

Агар шартҳо аз ҷиҳати моддӣ фарқ накунанд, таҷдиди назар ё тағирот боиси қатъ кардани ҳисоббаробаркунӣ нагардад, ташкилот арзиши умумии балансро аз рӯи меъёри фоизии аслии самараноки гардиши пули нақд аз нав ҳисоб мекунад ва фоида ё зиёни тағиротро дар ҳисобот оид ба фоида ё зарар эътироф мекунад.

Агар тағйирот дар асоси методологияи ҳисобкунии талафоти пулии пешбинишуда боиси афзоиши хавфи назаррас гардад, пас таъсири тағйироти шартномавӣ ба ҳисобкунии беқурбшавӣ аз рӯи методология таъсир мерасонад.

Таснифот ва бахисобгирии минбаъдаи ухдадорихои молияви

Ташкилот ҳамаи ӯҳдадориҳои молиявиро тавре тасниф мекунад, ки баъдан бо арзиши амортизатсияшуда ҳисоб карда мешаванд, ба истиснои:

а) ӯҳдадориҳои молиявие, ки бо арзиши одилона тавассути фоида ё зиён ҳисоб карда мешаванд. Чунин ӯҳдадориҳо, аз ҷумла воситаҳои ҳосилшуда, ки ӯҳдадориҳо мебошанд, баъдан бо арзиши одилона чен карда мешаванд;

б) ӯҳдадориҳои молиявие, ки ҳангоми интиқоли дороии молиявӣ барои қатъ кардани эътироф мувофиқат накунад ё ҳангоми татбиқи принсипи ҷалби давомдор ба вуҷуд меоянд;

в) шартномахои кафолати молияви ва ухдадорихои додани карз бо фоизи пасттар аз бозор. Пас аз эътирофи аввалия, ин гуна шартномаҳо минбаъд бо баландтарини зерин чен карда мешаванд:
I. маблаги фонди зараре, ки аз тарафи ташкилот ташкил карда шудааст, ва
II. маблаге, ки дар мавридҳои зарурӣ камтар аз даромади умумӣ эътироф шудааст;

г) пардохти шартие, ки аз ҷониби харидор ҳангоми якҷояшавии корхонаҳо эътироф шудааст. Чунин пардохти шартӣ баъдан бо арзиши одилона бо тағйирот дар фоида ё зарар эътироф карда мешавад.

Ҳангоми эътирофи ибтидоии ӯҳдадории молиявӣ, Ташкилот метавонад бо салоҳдиди худ, онро бидуни ҳуқуқи аз нав тасниф кардани он ҳамчун арзиши одилона тавассути фоида ё зиён таъин кунад.

Баҳисобгирии дороиҳо ва ӯҳдадориҳо

Дороиҳо ва ӯҳдадориҳои молиявии Ташкилот дар ҳисоботи вазъи молиявӣ баҳисобгирӣ ва холис карда мешаванд, агар барои ин асосҳои ҳуқуқӣ мавҷуд бошанд ва нияти тарафҳо оид ба ҳисоббаробаркунии қарз аз рӯи усули соф ё фурӯши дороиҳо ва ӯҳдадориҳо дар як вақт мавҷуд бошад.

Қатъи эътирофи ӯҳдадории молиявӣ

Ухдадории молияви (як кисми он) дар холатхое ба хисоб меравад, ки карздор:

(а) ё ин ӯҳдадориро (ё як қисми онро) бо пардохти қарз ба кредитор, одатан бо пули нақд, дороиҳои дигари молиявӣ, молҳо ё хидматҳо қонеъ мекунад,
(б) ё дар натиҷаи иҷрои мурофиаи судӣ ё дар натиҷаи қарори кредитор аз масъулияти асосӣ аз рӯи ин ӯҳдадорӣ (қисми он) озод карда шудааст.

Ухдадории молиявӣ инчунин агар дар гардиши пули нақд Тағйироти назаррас ба амал ояд, эътироф карда намешавад, яъне. агар арзиши ҷории гардиши пули нақд аз рӯи шартҳои нав, аз ҷумла хироҷҳое, ки бо назардошти ҳар гуна хироҷҳои гирифташуда, ки аз рӯи меъёри фоизии самараноки дисконт карда шудаанд, на камтар аз 10% аз арзиши ҷории дисконтшудаи гардиши пулии боқимондаи ӯҳдадориҳои ибтидоии молиявӣ фарқ кунанд.

Воситаҳои пулӣ ва мубодилаҳои онҳо

Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо воситаҳои пулии хазина, воситаҳои дар бонкҳо буда ва сармоягузориҳои бозоргири кутоҳмуддатро дар бар мегиранд, ки онҳо дар муддати кӯтоҳ озодона дар ҳаҷми марбута ба воситаҳои пулии нақд табдил дода мешаванд.

Воситаҳо дар бонкҳо

Дар рафти фаъолияти оддии худ Ташкилот дар бонкҳо ба мӯҳлатҳои гуногун воситаҳо ҷойгир мекунад ва амонатҳо мегузорад. Воситаҳо дар бонкҳо дар ибтидо аз рӯи арзиши одилона эътироф карда мешаванд. Воситаҳо дар бонкхо минбаъд дар асоси усули самараноки меъёри фоизӣ аз рӯи арзиши истеҳлокӣ баҳогузорӣ карда мешаванд. Воситаҳо дар сохторҳои қарзӣ бо назардошти аз ҳисоб баровардани ҳар гуна захира нисбати беқурбшавӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Қарзҳои ба мизоҷон додашуда

Қарзҳои ба мизоҷон додашуда дороиҳои молиявие мебошанд, ки онҳо воситаҳои маҳсулии молиявии дорои ҷараёни пулии устувор ё муайяншаванда, ки нархгузориҳои бозорӣ надоранд, маҳсуб намегарданд, ба истиснои дороиҳое, ки ба категорияҳои дигари воситаҳои молиявӣ тасниф карда мешаванд.

Қарзҳое, ки Ташкилот пешниҳод мекунад, дар баҳисобгирӣ нахуст аз рӯи арзиши одилонае инъикос мегарданд, ки ба он хароҷоти амалиётии бевосита бо харидорӣ ё таъсиси чунин дороиҳои молиявӣ вобастабуда зам карда мешаванд. Дар сурате, ки агар арзиши одилонаи воситаҳои пешниҳодгардида баробари арзиши одилонаи қарз набошад (масалан, дар ҳолати пешниҳодкунии қарз аз рӯи меъёре, ки аз меъёри бозорӣ пасттар аст), фарқияти байни арзиши одилонаи воситаҳои пешниҳодгардида ва арзиши одилонаи қарз дар рафти эътирофи нахустини қарз ҳамчун зарар инъикос карда шуда, дар ҳисобот оиди фоида ё зарар ва даромади муштарак мутобиқи хусусияти ин зарарҳо пешниҳод карда мешавад. Минбаъд қарзҳо аз рӯи арзиши истеҳлокӣ бо истифода аз усули меъёри самараноки фоизӣ инъикос мегарданд. Қарзҳое, ки ба мизоҷон пешниҳод мегарданд, бо тарҳи хароҷоти захираҳо барои беқурбшавӣ инъикос карда мешаванд.

Аз ҳисоб баровардани қарзҳо ва воситаҳо

Дар сурати ғайриимкон будани ситонидани қарзҳои пешниҳодгардида, аз ҷумла бо роҳи ба таъминот табдил додани ситониш, онҳо аз ҳисоби захираҳое, ки барои бекурбшавӣ пешбинӣ шудаанд, аз ҳисоб бароварда мешаванд. Баъди аз ҷониби роҳбарияти Ташкилот ҷиҳати ситонидани маблағҳои ба Ташкилот тааллуқдошта андешидани тамоми чораҳои зарурӣ ва фурӯхтани таъминоти кафолатии нақдӣ қарзҳо ва воситаҳои пешниҳодгардида аз ҳисоб бароварда мешаванд. Ҷуброни минбаъдаи маблағҳои азҳисоббаровардашуда дар ҳисобот дар бораи даромади муштараки давраи ҷубронкунӣ ҳамчун камшавии хароҷотҳои ба бекурбшавии дороиҳои молиявӣ вобастабуда инъикос карда мешавад.

Захира барои зарарҳои қарзии пешбинишуда

Ташкилот арзёбӣ ва ҳисоббаробаркунии захираро оид ба арзонкунии қарзҳо мутобиқи Стандартҳои байналмилалии ҳисоббаробаркунии молиявӣ (IFRS) 9 «Инструментҳои молиявӣ» намегузаронад. Ташкилот дар холати гузориш ба фаъолияти бонкии исломи буда баъд аз гузориш ба фаъолияти бонкии исломи модели ҳисоббаробаркунии захира оид ба арзонкунии қарзҳои додашуда мутобиқ ба «СБМ 30 Камшавӣ, зарари қарзӣ ва ӯҳдадориҳои вазнин» татбиқ мегардонад.

Воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ

Воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ аз рӯи арзиши таърихӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки арзиши харид, хароҷоти ба ҷои зарурӣ интиқол додани дороиҳо ва ба ҳолати зарурӣ расонидан ба ҳолати барои истифода зарурӣ бо назардошти амортизатсияи ҷамъшуда дар бар мегирад.

Истеҳлок аз рӯи арзиши тавозунии воситаҳои асосӣ, бо мақсади аз ҳисоб баровардани дороиҳо дар давоми мӯҳлати истифодабарии муфид, ҳисоб карда мешавад. Ҳисобкунии истеҳлок дар асоси усули бақияи камшаванда бо истифодабарии меъёрҳои зеромада ба амал меояд:

Таҷҳизоти компютерӣ	12.5%
Мебел ва таҷҳизоти офис	10%
Воситаҳои нақлиётӣ	10%
Дигар воситаҳои асоси	8%
Дороиҳои ғайримоддӣ	10%

Ба ҳар санаи ҳисоботӣ Ташкилот месанҷад, ки оё арзиши тавозунии воситаҳои асосӣ аз арзиши барқароркунии онҳо бештар аст ё не. Арзиши барқароркунӣ нишондиҳандаест, ки аз арзиши одилона бо назардошти нигоҳ доштани хароҷоти барои фурӯш сарфгардида ва арзиши истеъмолӣ калонтар аст. Дар сурати аз арзиши барқороркунии худ афзун гардидани арзиши тавозунии воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ Ташкилот арзиши тавозунии воситаҳои асосиро то ба сатҳи арзиши барқароркунии онҳо кам мекунад. Баъди инъикоскунии зарар аз бекурбшавии ба миён омада, баровардҳои истеҳлокӣ аз рӯи воситаҳои асосӣ дар даврaҳои минбаъда тасҳеҳ карда мешаванд, то ин ки арзиши тавозунии дороиҳо бо назардошти тарҳи арзиши боқимонда (агар он пешбинӣ карда шавад) тариқи баробар дар давоми мӯҳлати боқимондаи истифодабарии муфид тақсим карда шавад.

Иҷора

Ташкилот бинои саридораро иҷора мегирад. Иҷора одатан барои мӯҳлати то 10 сол баста мешавад. Барои шартномае, ки ҷузъи иҷораро дар бар мегирад ё ба иҷора дохил намешавад, Ташкилот баррасии шартномаро барои ҳар як ҷузъи иҷора дар асоси нархи нисбии амалиёти алоҳидаи қисмати иҷора ва нархи маҷмӯии амалиёти алоҳида барои ҷузъҳои иҷора ва гайри иҷора тақсим мекунад. Шартҳои иҷора дар алоҳидагӣ муҳокима карда мешаванд ва доираи васеи шартҳои гуногунро дар бар мегиранд. Амволи ба иҷора гирифташуда барои мақсадҳои қарз ба сифати гарав истифода шуда наметавонад.

То соли молиявии 2019 иҷораи воситаҳои асосӣ дар ҳисоботи молиявии Ташкилот ҳамчун иҷораи молиявӣ ё иҷораи амалиётӣ тасниф карда мешуд. Аз санаи 1 январи соли 2019 сар карда, иҷора ҳамчун дорои дар шакли ҳуқуқи истифодабрӣ ва уҳдадории дахлдор дар санаи дастрас кардани молу мулки ба иҷора гирифташуда аз ҷониби Ташкилот эътироф карда мешавад.
Ӯҳдадориҳои иҷора арзиши софи ҷории пардохтҳои зерини иҷораро дарбар мегиранд:

- пардохтҳои муқарраршуда (аз ҷумла пардохтҳои моҳиятан муқарраршуда), бо назардошти тарҳи дилхоҳ пардохтҳои ҳавасмандкунанда аз рӯи иҷора, барои қабул;
- пардохти тағйирёбандаи иҷора, ки ба индексатсия ё қурбе асос ёфтааст, ки бо истифодаи индексатсия ё қурби ибтидоӣ дар санаи оғоз баҳогузорӣ карда мешавад;
- маблағҳое, ки бояд дар сурати кафолати арзиши боқимонда аз ҷониби Ташкилот пардохт шаванд;
- нархи истифодаи опсияи харид, агар Ташкилот барои истифодаи он интихоби асоснок дошта бошад; ва
- пардохти ҷаримаҳо барои қатъ гардидани иҷора, агар мӯҳлати иҷора ба истифодаи ин опсияи Ташкилот таъсир кунад.

Пардохти иҷора бо истифодаи меъёри фоизие, ки барои иҷора дода шудаанд, кам карда мешаванд. Агар ин меъёрро ба осонӣ муайян кардан имконнопазир бошад, ки он одатан хамчун холати барои ба иҷора гирифтан дар Ташкилот мавҷуд аст, меъёри қарзи иловагии иҷора истифода мешавад, ки иҷорагири инфиродӣ бояд ба иҷорадеҳ барои гирифтани дороии дорои арзиши монанд дар муҳити иқтисодии монанд, бо шартҳо, амният ва шароити монанд пардохт кунад.

Барои муайян кардани меъёри фоизие, ки Ташкилот дар доираи он метавонад воситаҳои қарзиро ҷалб намояд:

- аз рӯи имконият, ҳамчун нуқтаи ибтидоӣ, маблағгузорӣ аз тарафи сеюмро, ки ба наздики гирифта шудааст, бо инъикос намудани Тағйирот дар шароити маблағгузорӣ аз замони гирифтани маблағгузори аз тарафи сеюм, истофода мебарад;
- усули такмилдиҳиро истифода мебарад, ки аз меъёри фоизи бе хавф оғоз меёбад, ки барои хавфи қарзӣ барои иҷорае, ки дар ихтири Ташкилоте, ки сарчашмаи маблағгузорӣ аз тарафи сеюмро надорад, оғоз меёбад; ва
- Тағйироти ба ичора хосро, масалан, мӯҳлат, кишвар, асъор ва амният, ворид менамояд.

Дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ бо назардошти шартҳои зерин баҳогузорӣ карда мешаванд:

- Ҳаҷми баҳогузории авалияи ӯҳдадориҳо аз рӯи иҷора;
- Пардохтҳои ичоравӣ дар санаи огози ичора ё, ки то ин сана, бо назардошти тарҳи дилхоҳ пардохтҳои ҳаваскунанда аз рӯи иҷора барои қабул;
- Ҳама гуна хароҷоти ибтидоии мустақим; ва
- хароҷоти барқарорсозӣ.

Дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ, одатан дар муддати кӯтоҳтарин - мӯҳлати истифодаи дорой ва мӯҳлати иҷора ба таври ростхатта истеҳлок мешавад.

Пардохтҳои иҷоравӣ, байни ӯҳдадории асосӣ ва харочоти молиявӣ ҷудо карда мешаванд. Харочоти молиявӣ дар дохили фоида ё зарар, дар давоми давраи иҷора ҳисоб карда мешавад, то барои ҳар давра меъери доимии фоиз барои бақияи боқимондаи ӯҳдадорӣ ба вуҷуд оварда шавад.

Ду соҳаи асосии мулоҳиза нисбати баҳогузории миқдории дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ ва ӯҳдадориҳо аз рӯи иҷора, ин муайян кардани мӯҳлати иҷора ва меъёри дисконт мебошанд.

Муайян намудани мӯҳлати иҷора

Интизории Ташкилот дар бораи тамдиди мӯҳлати иҷора тавассути баҳодиҳии боварии Ташкилот нисбати қарори тамдиди мӯҳлати иҷора муайян карда мешавад. Ташкилот ба қарори худ оид ба дароз кардани мӯҳлати иҷора итминони комил дорад, вақте омилҳои ҳавасмандии иқтисодии зиёд мавҷуд бошад. Ин баҳодиҳӣ сатҳи назарраси мулоҳизаро талаб мекунад, зеро он ба интизориҳои имрӯзаи қарорҳои оянда асос ёфтааст. Мӯҳлати иҷора ба ҳисоби дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ ва ӯҳдадориҳо аз рӯи иҷора таъсир мерасонад; чӣ қадаре, ки мӯҳлати иҷора дарозтар бошад, дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ ва ӯҳдадориҳо аз рӯи иҷораи ба он алоқаманд зиёдтар аст. Тағйирот дар муҳити иқтисодӣ метавонад ба арзёбии шартҳои иҷора аз тарафи Ташкилот, таъсир расонад ва ҳама гуна Тағйирот дар баҳодиҳии шартҳои иҷора метавонанд ба дороиҳо ва ӯҳдадориҳои Ташкилот дар чорчӯбаи дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ ва ӯҳдадориҳо аз рӯи иҷора таъсири назаррас расонанд.

Меъёри дисконт

Дар санаи оғози иҷора, Ташкилот ӯҳдадориҳо аз рӯи иҷора ро дар арзиши ҷории пардохтҳои иҷораи оянда бо истифодаи меъёри фоизие, ки дар доираи он Ташкилот метавонад карзхои иловаги чалб намояд, ҳисоб мекунад. Ташкилот як қатор омилҳоро барои муайян кардани меъёри дахлдори дисконт баррасӣ мекунад. Ба онҳо хавфи қарзии Ташкилот, давомнокии иҷора, муҳити иқтисодӣ ва ҷойгиршавии ҷуғрофии иҷораи баста шуда, дохил мешавад.

Ташкилот дар хатари афзоиши эҳтимолии ояндаи пардохтҳои тағиребандаи иҷора дар асоси индекс ё меъере, ки пеш аз эътибор пайдо кардани онҳо ба ӯҳдадориҳои иҷора дохил карда намешаванд. Вақте ки тасҳеҳи пардохтҳои иҷора дар асоси индекс е меъер эътибор пайдо мекунад, ӯҳдадории иҷора аз нав дида баромада мешавад ва ба дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифода тасҳеҳ карда мешавад.

Дар робита ба иҷораи кӯтоҳмуддат ё иҷорае, ки дороии асосӣ арзиши паст дорад, Ташкилот пардохтҳои иҷораро барои чунин иҷораҳоро бо усули хаттӣ дар доираи фоида ё зарар эътироф мекунад. Иҷораи кӯтоҳмуддат иҷораест, ки дар санаи оғози иҷора мӯҳлати пешбинишудаи иҷора на бештар аз 12 моҳро ташкил медиҳад ва имкони тамдиди мӯҳлати иҷора кам аст.

Даромади иҷораи амалиетӣ, ки дар он Ташкилот иҷорадеҳ аст, дар доираи даромад дар давоми мӯҳлати иҷора баробар эътироф карда мешавад. Хароҷоти ибтидоии назарраси мустақими ҳангоми бастани амалиети иҷораи амалиетӣ ба арзиши балансии дороиҳои асосӣ илова карда мешаванд ва ҳамчун хароҷот дар тӯли мӯҳлати иҷора дар асоси даромади иҷора эътироф карда мешаванд. Ба Ташкилот ҳамчун иҷорадеҳ лозим набуд, ки дар натиҷаи қабули стандарти нави лизинг ба ҳисоби дороиҳои нигоҳдошташуда ягон ислоҳ ворид кунад.

Андозбандӣ

Андоз аз фоида маблағи андози ҷорӣ ва андози мавқуфгузоштаро дар бар мегирад.

Андоз аз фоида

Маблағи хароҷот барои андоз аз фоида дар давраи ҷорӣ бо назардошти ҳаҷми фоидаи андозбандишавандае, ки дар давоми сол ба даст оварда шудааст, муайян карда мешавад. Фоидаи андозбандишаванда аз фоидаи софе, ки дар ҳисобот оиди фоида ё зарар ва даромади дигари муштарак инъикос гардидааст, фарқ мекунад, чунки он моддаи даромадҳо ё хароҷотеро, ки барои андозбандӣ ё хароҷот бо мақсади андозбандӣ дар солҳои дигар пешбинӣ шудааст, дар бар намегирад, инчунин моддаҳои андозбандинашавандаи бо мақсади андозбандӣ ба ҳисоб гирифтанашавадаро истисно мекунад. Ҳисобкунии хароҷоти Ташкилот барои андоз аз фоида дар соли ҷорӣ бо истифода аз меъёри андоз, ки дар давоми давраи ҳисоботӣ ворид карда шудааст, ба амал оварда мешавад.

Андоз аз фоидаи мавқуфгузошташуда

Андози батаъхиргузоришуда дар асоси тавозун эътироф карда мешавад ва даъво ё ӯҳдадориҳои андоз аз даромадро ифода мекунад, ки аз фарқияти байни арзиши балансии дороиҳо ва ӯҳдадориҳо ва баҳисобгирии дахлдори андоз, ки барои ҳисоб кардани даромади андозбандишаванда истифода мешаванд, ба вуҷуд меоянд. Дороиҳои андози батаъхиргузоришуда одатан барои ҳамаи фарқиятҳои муваққатии тарҳшаванда эътироф карда мешаванд, то он дараҷае, ки эҳтимолияти мавҷудияти фоидаи андозбандишаванда, ки бар зидди он фарқиятҳои муваққатии тарҳшаванда истифода мешаванд, эътироф карда мешаванд. Чунин дороиҳо ва ӯҳдадориҳои андоз дар ҳисоботи молиявӣ эътироф карда намешаванд, агар фарқиятҳои муваққатӣ бо гудвил алоқаманд бошанд ва аз эътирофи аввалияи (ба истиснои якҷояшавии корхонаҳо) дигар талабот ва ӯҳдадориҳо аз рӯи амалиётҳое, ки ба фоидаи андозбандишаванда ё баҳисобгирии муҳосибӣ таъсир намерасонанд, ба вуҷуд оянд.

Ӯҳдадориҳои андозии мавқуфгузошташуда бо назардошти фарқиятҳои замонии андозбандишаванда инъикос карда мешаванд, дар ин вақт Ташкилот имконият пайдо мекунад, ки мӯҳлати бозгардонии фарқияти замониро назорат намояд ва эҳтимолияте пайдо мешавад, ки ин фарқияти замонӣ дар ояндаи наздик тағйир намеёбад. Дороиҳои мавқуфгузошташудаи андозие, ки дар натиҷаи бароварди фарқияти замонии бо ҳамин гуна сармоягузориву ҳиссаҳо вобастабуда ба миён меоянд, танҳо дар ҳаҷме, ки фоидаи кифояи андозбандишаванда ба даст омада метавонад, эътироф мегарданд, аз ҳисоби ин фоида имтиёзҳое, ки ба фарқияти замонӣ

алоқаманданд, истифода гардида, интизорӣ меравад, ки онҳо дар ояндаи наздик бекор карда мешаванд.

Арзиши тавозунии дороиҳои андозии мавқуфгузошташуда дар ҳар санаи ҳисоботӣ тафтиш карда шуда, дар ҳаҷме, ки имконияти ба даст овардани фоидаро аз талаботи андозӣ, ки барои ҷуброни пурра ё ҷузъии дорой кифоя аст, истисно мекунад, кам карда мешавад.

Андозҳои мавқуфгузошташуда аз рӯи меъёрҳое, ки тибқи пешбинӣ дар давраи бозпардохти қарз ё фурӯши дорой истифода мегарданд, ҳисоб карда мешаванд. Андозҳои мавқуфгузошташуда, ба истиснои ҳолатҳое, ки бо моддаҳои бевосита ба сармоя тааллуқдошта алоқаманд мебошанд, дар ҳисобот оид ба даромади муштарак инъикос карда мешаванд, дар ин сурат андозҳои мавқуфгузошташуда низ дар таркиби сармоя инъикос карда мешаванд.

Ташкилот баҳисобгирии мутақобилаи талаботҳои мавқуфгузошташудаи андозӣ ва ӯҳдадориҳои мавқуфгузошташудаи андозиро ба амал оварда, дар ҳисоботи молиявӣ фарқияти натиҷавиро дар сурате инъикос менамояд, ки агар:

- Ташкилот барои ба муқобили ӯҳдадориҳои ҷории андозӣ ба амал овардани баҳисобгирии талаботҳои ҷории андозӣ ҳуқуқи қонунӣ дорад; ва
- талаботҳои мавқуфгузошташудаи андозӣ ва ӯҳдадориҳои мавқуфгузошташудаи андозӣ ба андоз аз фоида тааллуқ доранд, ки он аз ҷониби ҳамон як мақомоти андозӣ аз ҳамон як субъекти андозбандишаванда ситонида мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияти Ташкилот ин ҷо сурат мегирад, талабот бобати ҳисобкунӣ ва пардохти андозҳои гуногун мавҷуд аст, ки онҳо илова ба андоз аз фоида нисбати фаъолияти Ташкилот истифода карда мешаванд.

Захираҳои умумӣ

Ташкилот захира барои амалиётҳои оянда ташкил мекунад, ки он бо роҳи маблағгузории хатмии харсола тибқи карори Шурои Нозирон ташкил меёбад. Ин захира барои таъмин намудани зарари Ташкилот дар сурати мавҷуд набудани дигар маблағгхо пешбини шудааст. Қарори истифода намудани фонди захиравии Ташкилот инчунин аз тарафи Шурои Нозирон ҳангоми тасдиқи пешакии ҳисоботи солона қабул карда мешавад.

Сармояи оиномавӣ

Сармояхои оддии аз руи арзиши ибтидой эътироф карда мешаванд.

Ҳаққуссаҳмҳо ҳамчун камшавии воситаҳои худӣ дар даврае, ки онҳо эълон шуда буданд, инъикос карда мешаванд. Ҳаққуссаҳмҳое, ки пас аз давраи ҳисоботӣ эълон мешаванд, тибқи СБҲМ 10 «Ҳодисаҳо пас аз давраи ҳисоботӣ» ба сифати ҳодиса пас аз давраи ҳисоботӣ баррасӣ карда мешаванд ва маълумот дар бораи онҳо ба таври марбута оварда мешавад.

Ӯҳдадориҳои нафақавӣ

Мутобиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон Ташкилот маблағи пардохтҳои нафақавиро аз музди меҳнати кормандон боздошта, онҳоро ба фонди нафақавии давлатӣ мегузаронад. Низоми мавҷудаи таъминоти нафақавӣ ҳисобу китоби пардохтҳои ҷории кордиҳандаро ҳамчун фоиз аз пардохтҳои ҷории умумӣ ба кормандон пешбинӣ мекунад. Чунин хароҷот дар даврае, ки ба он пардохтҳои марбута ба кормандон тааллук доранд, эътироф карда мешаванд. Ҳангоми ба нафақа баромадан тамоми пардохтҳои нафақавӣ аз ҷониби фонди нафақавии дар боло ишорагардида ба амал оварда мешаванд. Ташкилот ғайр аз иштирок дар низоми давлатии нафақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар ягон нақшаи иловагии таъминоти нафақавӣ надорад. Ғайр аз ин, Ташкилот ба кормандон пас аз ба нафақа баромаданашон ягон имтиёз пешниҳод наменамояд ва ё имтиёзи назаррасе, ки пардохти маблағро талаб мекунад, надорад.

Эътирофи даромад ва хароҷотҳои фоизӣ

Даромаду хароҷоти фоизӣ аз рӯи принсипи ҳисобкунӣ инъикос ёфта, бо усули самараноки меъёри фоизӣ ҳисобу китоб карда мешаванд. Усули самараноки меъёри фоизӣ усуле мебошад, ки аз ҳисобкунии арзиши истеҳлокии дороии молиявӣ ё ӯҳдадории молиявӣ (ё гурӯҳи дороиҳои молиявӣ/гурӯҳи ӯҳдадориҳои молиявӣ), инчунин ба давраи марбута вобаста намудани даромади фоизӣ ё хароҷоти фоизӣ иборат мебошад. Меъёри фоизи самаранок меъёри фоизие мебошад, ки

тавассути он пардохтҳои интизоришавандаи оянда ё воридоти воситаҳои пулӣ дар давоми муҳлати пешбинишудаи дороиҳо ва ӯҳдадориҳои молиявӣ ба арзиши умумии тавозунии дороии молиявӣ ё арзиши истеҳлокшудаи ӯҳдадории молиявӣ оварда мерасонанд.
Дар ин ҳолат, дисконткунонӣ барои давраи мӯҳлати пешбинишудаи абзори молиявӣ ё агар имконпазир бошад, барои давраи кӯтоҳтар анҷом дода мешавад.

Агар дороии молиявӣ ё гурӯҳи дороиҳои молиявии якҷинса дар натиҷаи беқурбшавӣ аз ҳисоб бароварда шуда бошанд (қисман аз ҳисоб бароварда шуда бошанд), даромади фоизӣ бо назардошти меъёри фоизие муайян карда мешавад, ки он барои тахфифи воридоти минбаъдаи пулӣ ҷиҳати аз ҳисоб баровардани зарарҳои аз беқурбшавӣ бамиёномада истифода мегардад.

Фоизҳои аз дороиҳо бадастомада ва аз рӯи арзиши одилона арзёбишаванда ҳамчун даромади фоизӣ тасниф мегарданд.

Эътирофи даромад ва хароҷоти комиссионӣ

Ташкилот барои коркарди пардохтҳое, ки истифодабарандагони охирин ба таъминкунандагон ва провайдерҳои хидматрасон пардохт кардаанд, комиссия мегирад. Комиссияи коркарди пардохт аз провайдерҳо ситонида мешавад. Истеъмолкунандагон пардохтҳоро ба провайдерҳои гуногун тавассути терминалҳои пардохт, ки ба шахсони сеюм - агентҳо тааллуқ доранд, барои қабули пардохти маблағҳои пулӣ пардохт мекунанд. Ҳангоми пардохтҳои истеъмолӣ, Ташкилот хароҷоти пардохтро ба агентҳо пардохт мекунад. Даромади комиссионӣ аз коркарди пардохт дар сурате ба ҳисоб гирифта мешавад, ки провайдерҳо пардохтҳоро аз истеъмолкунандагон ба миқдори умумӣ, аз ҷумла пардохтҳое, ки барои гирифтани пардохт пардохта мешаванд, қабул мекунанд.

Комиссияҳо барои кушодани суратҳисобҳои қарзӣ, инчунин барои хароҷоти марбутаи мустақиме, ки бо пешниҳодкунии қарзҳо вобастаанд, ҳамчун тасҳеҳоти меъёри самараноки фоизӣ аз рӯи қарзҳо инъикос карда мешаванд.

Агар эҳтимолияте вуҷуд дошта бошад, ки мавҷудияти ӯҳдадории пешниҳодкунии қарз боиси ба тасвиб расидани шартномаи пешниҳоди қарз мешавад, комиссия барои ӯҳдадории пешниҳодкунии қарз ба таркиби даромадҳои даврагӣ минбаъда ворид карда шуда (якҷоя бо хароҷотҳои мустақими марбута), минбаъд ҳамчун тасҳеҳи даромадҳои воқеӣ аз рӯи қарзҳо инъикос карда мешавад. Агар ӯҳдадорӣ оид ба пешниҳодкунии қарз дар сатҳи паст баҳогузорӣ карда шавад, комиссия барои ин ӯҳдадорӣ дар ҳисобот оиди фоида ё зарар ва дигар даромади муштарак дар давоми мухлати боқимондаи амалидошти ӯҳдадории пешниҳоди қарз инъикос карда мешавад. Баъди бе пешниҳоди қарз ба анҷом расидани мӯҳлати амалидошти ухдадории пешниҳодкунии қарз комиссия барои ин ӯҳдадорӣ дар ҳисоботи фоида ё зарар ва даромади муштарак дар санаи анҷомрасии амалидошти он эътироф карда мешавад

Усули азнавҳисобкунии асъори хориҷӣ

Воситаҳои пулӣ ва ӯҳдадориҳои дар асъори хориҷӣ ифодаёфта тибқи қурби марбутаи мубодилавие, ки ба санаи 31 декабр муқаррар карда шудааст, дар сомони аз нав ҳисоб карда мешаванд. Амалиётҳо бо асъори хориҷӣ аз рӯи қурби баҳисобгирӣ, ки дар санаи амалиётгузаронӣ муқаррар шудааст, инъикос карда мешаванд. Даромаду зарарҳое, ки аз чунин ивазкунӣ ба миён меоянд, дар ҳисобот оиди фоида ё зарар ва даромади дигари муштарак ба даромади соф аз рӯи амалиётҳо бо асъори хориҷӣ ворид карда мешаванд.

Қурби мубодилавӣ

Дар поён қурбҳои мубодилавие, ки дар охири сол амал мекарданд ва Ташкилот онҳоро дар рафти таҳияи ҳисобот истифода кардааст, оварда мешаванд:

	31 декабри с. 2022	31 декабри с. 2021 (санҷиш-нашуда)
Доллари ИМА / Сомонии тоҷикӣ	10.2024	11.30
Евро / Сомонии тоҷикӣ	10.8911	12.7973
Рубли русӣ / Сомонии тоҷикӣ	0.1445	0.1507

Ба ҳисоб гирифтани дороиҳо ва ӯҳдадориҳои молиявӣ

Дороии молиявӣ ва ӯҳдадории молиявӣ ба ҳисоб гирифта шуда, дар тавозун маблағи ба бақия баровардашуда инъикос карда мешавад, дар ин сурат Ташкилот бояд барои баҳисобгирии маблағҳои дар тавозун эътирофгардида ҳуқуқи қонунӣ дошта бошаду аз рӯи маблағи ба бақия баровардашуда баҳисобгирӣ ба амал орад ё дар як вақт дороиҳоро фурӯхта, ӯҳдадориҳоро иҷро намояд. Дар сурати таҳвили дороии молиявие, ки ҳамчун аз ҳисоб баровардашуда баҳогузорӣ намегардад, Ташкилот ин амалиётро ҳамчун аз ҳисоб баровардани дороии таҳвилгардида ва ӯҳдадории ба он мансуббуда эътироф намекунад.

Соҳаи истифодаи назарраси баҳогузорӣ ва фарзияҳои роҳбарият

Омодакунии ҳисоботи молиявӣ аз роҳбарияти Ташкилот талаб мекунад, ки баҳогузориву фарзияҳое таҳия намояд, ки онхо ба маблағи дороиҳову ӯҳдадориҳои Ташкилот, ки дар ҳисобот оварда мешаванд, ба ошкоркунии дороиҳову ӯҳдадориҳои шартӣ дар санаи ҳисоботӣ, инчунин ба маблағи даромаду хароҷот барои давраи ҳисоботӣ, ки дар ҳисобот оварда мешаванд, таъсир расонанд. Роҳбарияти Ташкилот баҳогузориву иҷозаҳоро ба таври доимӣ ба амал меорад ва дар ин ҳангом ба таҷрибаи андӯхтаву омилҳои дигаре, ки истифодаи онҳоро дар шароити ҷорӣ оқилона медонад, такя мекунад. Натиҷаҳои воқеӣ аз ин баҳогузориҳо фарқ карда метавонанд. Барои тасвири вазъи молиявии Ташкилот баҳогузориву фарзияҳои зерин муҳиманд.

Захираҳо аз рӯи беқурбшавии қарзҳо ва ҳисобҳо барои қабул

Ташкилот муттасил қарзҳои додаи худро аз нуқтаи назари беқурбшавӣ тафтиш мекунад. Захираҳои Ташкилот, ки барои зарарҳои қарзӣ пешбинӣ шудаанд, барои эътироф намудани зарарҳое, ки дар ҷузвдони қарзӣ ва қарзҳои дебиторӣ дар натиҷаи беқурбшавӣ ба миён омадаанд, таъсис дода мешаванд. Ташкилот баҳогузориҳои ҳисобиро, ки бо захира барои зарарҳои пешбинишудаи қарзӣ ва қарздории дебиторӣ пешбинишуда вобастаанд, сарчашмаи асосии номуайянии баҳогузориҳо медонад, чунки (i) онҳо ҳамеша дар зери таъсири тағйирот қарор доранд ва сабаби раванди мазкур ба он вобаста аст, ки фарзияҳо бобати нишондиҳандаҳои ӯҳдадориҳои иҷронашуда ва баҳогузории зарарҳои эҳтимолие, ки бо беқурбшавии кредитҳову қарзҳои пасандозӣ вобастаанд, ба натиҷаҳои охирини фаъолият асос меёбанд; ва (ii) ҳар гуна фарқияти назаррас байни зарарҳои баҳододашудаи Ташкилот ва зарарҳои воқеӣ, аз Ташкилот водор месозад захираҳое таъсис диҳад, ки онҳо ба ҳисоботи молиявии он дар даврaҳои минбаъда таъсири назаррас расонида тавонанд.

Ташкилот ақидаи роҳбариятро барои баҳогузории ҳар гуна зарарҳои пешбинишудаи қарзӣ бамиёномада дар сурате истифода мекунад, ки агар қарзгиранда мушкилиҳои молиявӣ дошта бошаду дар нисбати чунин қарзгирандагон маълумотҳои таърихӣ кам вуҷуд дошта бошанд. Ташкилот тағйиротҳоро дар гардиши минбаъдаи воситаҳои пулӣ дар асоси таҷрибаи кории гузашта, рафтори мизоҷон дар давраи гузашта, маълумотҳои мавҷудае, ки тағйироти манфиро дар пардохтпазирии қарздорон дар гурӯҳ нишон медиҳанд, инчунин бо назардошти дигаршавии вазъи иқтисодии миллӣ ё маҳаллӣ, ки боиси иҷро накардани ӯҳдадорихо аз рӯи дороиҳо дар гурӯҳи мазкур мегарданд, баҳогузорӣ менамояд. Роҳбарият баҳогузориро дар асоси таҷрибаи таърихии ташаккули зарарҳое, ки ба дороиҳо бо тавсифоти хатари кредитӣ вобастаанд ва маълумотҳои воқеӣ дар бораи беқурбшавӣ истифода мекунад. Ташкилот баҳогузории роҳбариятро барои тасҳеҳи маълумотҳое, ки вобаста ба гурӯҳи кредитҳо мавҷуданд, бо мақсади инъикоскунии ӯҳдадорихои ҷории дар маълумотҳои таърихӣ инъикоснаёфта истифода мекунад.

Захираҳое, ки оиди беқурбшавии дороиҳои молиявӣ дар ҳисоботи молиявӣ пешбинӣ шудаанд, дар асоси шароитҳои мавҷудаи иқтисодиву сиёсӣ муайян карда шудаанд. Ташкилот тағйиротҳоеро, ки дар шароити сиёсиву иқтисодии кишвар ба амал омада метавонанду ин тағйиротҳо дар даврaҳои минбаъда ба захираҳои оиди беқурбшавӣ пешбинишуда чӣ таъсире мерасонанд, пешгӯӣ карда наметавонад.

Ба ҳолати 31 декабри соли 2022 ва соли 2021 арзиши тавозунии захираҳо оиди беқурбшавии қарзҳо мутаносибан 63 ҳазор сомони ва 0 сомониро ташкил намуд (Тавзеҳоти 12).

Татбиқи стандартҳои байналмиллалии ҳисоботи молиявии нав ва аз нав дида баромадашуда

Ташкилот стандартҳо ва тафсирҳои нав ва аз нав дида баромадашудаи зеринро, ки Кумитаи ҳисоботи молиявии байналмилалӣ ва Кумитаи тафсири стандартҳои ҳисоботи молиявии байналмилалӣ (минбаъд - "КТСҲМБ") баровардаанд, нисбат ба ҳисоботи солонаи молиявии Ташкилот барои соле, ки 31 декабри соли 2022 ба анҷом расидааст, татбиқ мекунад:

- Тағйирот ба консессияҳои иҷораи COVID-19 пас аз 30 июни соли 2021 эътибор пайдо мекунад (Илова ба СБҲМ 16) ба иҷорагирандагон аз арзёбии он, ки консессияи иҷораи COVID-19 иҷораи тағирёбанда аст ё не.;
- Тағйирот ба СБМ 37 "Захираҳо, ӯҳдадориҳои шартӣ ва дороиҳои шартӣ" шартномаҳои вазнин - хароҷоти иҷрои шартнома. Тағйиру иловаҳо тавзеҳ медиҳанд, ки хароҷоти иҷрои қарордод хароҷоти бевосита ба шартнома алоқамандро дар бар мегирад. Хароҷотҳое, ки бевосита ба шартнома алоқаманданд, метавонанд ё хароҷоти афзояндаи иҷрои ин қарордод (масалан, меҳнати мустақим, мавод) ё тақсимоти дигар хароҷоте, ки бевосита ба иҷрои қарордодҳо алоқаманданд (масалан, тақсимоти амортизатсия ба ашё метавонад бошад). воситахои асосӣ, ки хангоми бастани шартнома истифода мешаванд).
- Тағйирот ба истинод ба чаҳорчӯба (Иловаҳо ба СБҲМ 3). Тағйиру иловаҳо истинодҳои кӯҳнашудаи чаҳорчӯбаи СБҲМ 3-ро бидуни тағир додани талаботи стандарт навсозӣ мекунанд.
- Тағйирот ба СБМ 41 талаботро дар банди 22 СБМ 41 барои ташкилотҳо дар бораи истисно кардани гардиши пули андозбандишаванда ҳангоми чен кардани арзиши одилонаи дороии биологӣ бо истифода аз усули арзиши ҳозира хориҷ мекунад.
- Такмилдиҳии солона ба СБҲМ давраи 2018-2020: Тағйирот ба СБМ 16 "Воситаҳои асосӣ"- Даромад пеш аз истифодаи пешбинишуда. Тағйиру иловаҳо тарҳ кардани ҳар гуна даромади аз фурӯши молҳоеро, ки ҳангоми ба ҷойгиршавӣ ва ҳолати зарурӣ овардани он барои фаъолияти он тибқи тартиби пешбининамудаи роҳбарият оварда шудаанд, манъ мекунад. Ба ҷои ин, ташкилот даромад аз фурӯши чунин молҳо ва хароҷоти истеҳсоли онҳоро дар фоида ё зиён эътироф мекунад.
- Такмилдиҳии солона ба СБҲМ давраи 2018-2020: Тағйирот ба СБҲМ 1 "Бори аввал қабул кардани стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ". Тағйирот ба як ширкати фаръӣ, ки банди D16(a)-и СБҲМ 1-ро татбиқ мекунад, имкон медиҳад, ки фарқиятҳои ҷамъи асъорро бо истифода аз маблағҳое, ки ширкати волидайн дар асоси санаи гузариш ба СБҲМ гузориш додааст, чен кунад.
- Такмилдиҳии солона ба СБҲМ давраи 2018-2020: Тағйирот ба СБҲМ 9 "Воситаҳои молиявӣ" – муайян мекунад, ки ҳангоми татбиқи меъёри 10 фоиз дар банди B3.3.6 СБҲМ 9 ҳангоми арзёбии он, ки оё ӯҳдадориҳои молиявӣ бояд қатъ карда шавад, кадом пардохтҳоро дар бар мегирад. Ба ширкат танҳо хироҷҳое, ки байни ширкат (қарзгир) ва қарздиҳанда пардохта шудаанд ё гирифта шудаанд, аз ҷумла пардохтҳоеро дар бар мегирад, ки аз ҷониби ширкат ё қарздиҳанда аз номи тарафи дигар пардохта ё гирифтаанд. Ба даврaҳои солона, ки аз 1 январи соли 2022 ё баъд аз он оғоз мешавад, татбиқ мешавад;
- Такмилдиҳии солона ба СБҲМ давраи 2018-2020: Тағйирот ба СБҲМ 16 "Иҷора" – Аз мисоли иҷорадеҳ барқарор кардани беҳбудиҳо дар амволи ба иҷора гирифташударо хориҷ мекунад, то ҳар гуна нофаҳмиҳои эҳтимолиро дар баҳисобгирии ҳавасмандгардонии иҷора, ки аз сабаби чӣ гуна ба вуҷуд омаданаш мумкин аст имтиёзҳои иҷораро нишон медиҳад.

Ин стандартҳо ва иловаҳои нав ба вазъи молиявӣ ва фаъолияти Бонк таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

СБҲМ-ҳои нав ва аз нав дида баромадашуда - нашр шудаанд, вале ҳанӯз эътибор надоранд

Як қатор стандартҳои нав, Тағйиротҳо ба стандарҳо ва тафсирҳои нав бароварда шуданд, аммо то 31 декабри соли 2022 эътибор надоранд ва ҳангоми тартиб додани ин ҳисоботи молиявӣ татбиқ карда нашудаанд. Навовариҳо, стандартҳо ва Тағйиротҳои зерин эҳтимолан имкон доранд, ки ба фаъолияти молиявӣ ва тиҷоратии Ташкилот таъсир расонанд. Ташкилот интизор аст, ки ин стандартҳо ва тафсирҳоро аз рӯзи эътибор пайдо карданашон татбиқ кунад. Таҳлили таъсири эҳтимолии стандартҳои нав ба ҳисоботи молиявии Ташкилот ҳанӯз гузаронида нашудааст.

Дар санаи тасдиқи ин ҳисоботи молиявӣ стандартҳо ва тафсирҳои нави зерин бароварда шуданд, аммо ҳанӯз самаранок нестанд ва Ташкилот онҳоро пеш аз мӯҳлат қабул накардааст:

- СБҲМ 17 «Шартномаҳои суғуртавӣ» талаб мекунад, ки ӯҳдадориҳои суғуртавӣ аз рӯи арзиши ҳозира чен карда шаванд ва барои ҳама шартномаҳои суғурта ченкунӣ ва муаррифии бештар

мувофиқро таъмин менамояд. Ин талабхо ба ноил шудан ба максади бахисобгирии пай дар пай, принципиалии шартномахои сугурта нигаронида шудаанд. Ба давраҳои солона, ки аз 1 январи соли 2023 ё баъд аз он оғоз мешаванд, татбиқ мешавад.

- Тағйирот ба СБМ 1 "Пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ" ва Дастури тачрибавии 2 аз ташкилот талаб мекунад, ки на сиёсатҳои асосии баҳисобгирии худ, на сиёсати муҳими баҳисобгирии худро ифшо кунад. Тағйироти минбаъда тавзеҳ медиҳанд, ки чӣ гуна ташкилот метавонад сиёсати муҳими баҳисобгириро муайян кунад. Барои дастгирии ислоҳот, Раёсат инчунин роҳнамо ва мисолҳоро барои тавзеҳ ва намоиш додани татбиқи "раванди чаҳор марҳилаи муайян кардани аҳамият" дар Дастури амалии 2 тавсиф кардааст.
- Тағйирот ба СБМ 8 "Сиёсати баҳисобгирии муҳосибӣ, тағйирот дар баҳодиҳии баҳисобгирӣ ва хатогиҳо" таърифи тағиротро дар баҳодиҳии баҳисобгирии муҳосибӣ бо таърифи баҳисобгирии муҳосибӣ иваз мекунад. Тибқи таърифи нав, баҳодиҳии муҳосибӣ "маблағҳои пулӣ дар ҳисоботи молиявӣ, ки ба номуайянии тахминӣ дучор мешаванд" мебошанд. Ширкатҳо тахминҳои баҳисобгирии муҳосибӣ таҳия мекунанд, агар сиёсати баҳисобгирии муҳосибӣ талаб кунад, ки ҷузъҳои ҳисоботи молиявӣ тавре баҳо дода шаванд, ки номуайянии тахминиро дар бар гирад. Тағиротҳо равшан мекунанд, ки тағирот дар баҳодиҳии баҳисобгирии муҳосибӣ, ки дар натиҷаи иттилооти нав ё таҳаввулоти нав ба вуҷуд омадааст, ислоҳи хатогӣ нест. Ба давраҳои солона, ки аз 1 январи соли 2023 ё баъд аз он оғоз мешаванд, татбиқ мешавад.
- Андози мавқуфгузошта марбут ба дороиҳо ва ӯҳдадориҳое, ки аз як амалиёти ягона бармеоянд (Тағйирот ба СБМ 12 "Андозҳои даромад") тавзеҳот медиҳад, ки озодкунии эътирофи аввалия ба амалиётҳое, ки дар онҳо маблағи баробар ҳангоми эътирофи аввалия фарқиятҳои муваққатии тарҳшаванда ва андозбандишаванда ба вуҷуд меоянд, татбиқ намегардад. Ба давраҳои солона, ки аз 1 январи соли 2023 ё баъд аз он оғоз мешаванд, татбиқ мешавад.
- Тағйирот ба татбиқи ибтидоии СБҲМ 17 "Шартномаҳои суғурта" ва СБҲМ 9 "Воситаҳои молиявӣ" - Маълумоти муқоисавӣ (Илова ба СБҲМ 17) ба ташкилотҳое, ки бори аввал СБҲМ 17 ва СБҲМ 9-ро татбиқ мекунанд, имкон медиҳад ҳамзамон маълумоти муқоисавиро дар бораи дороии молиявӣ ҳамчун тасниф ва талаботи андозагирии СБҲМ 9 қаблан нисбат ба дороиҳои молиявӣ татбиқ шуда буданд. Ба давраҳои солона, ки аз 1 январи соли 2023 ё баъд аз он оғоз мешаванд, татбиқ мешавад.
- Тағйирот ба СБМ 1 "Пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ" – Таснифи ӯҳдадориҳо ба шакли кӯтоҳмуддат ё дарозмуддат ҳадафи таъмини мувофиқат дар татбиқи талабот тавассути кӯмак ба субъектҳо дар муайян кардани тасниф кардани қарз ва дигар ӯҳдадориҳои мӯҳлаташон номуайян дар ҳисоботи вазъи молиявӣ ҳамчун ҷорӣ (дар давоми як сол пардохтшаванда ё эҳтимолан пардохтшаванда) ё дарозмуддат. Ба давраҳои солона, ки аз 1 январи соли 2024 ё баъд аз он оғоз мешаванд, татбиқ мешавад.
- Тағйирот ба СБМ 1 "Пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ" – Ӯҳдадориҳои дарозмуддат бо шартҳо мушаххас мекунанд, ки чӣ гуна шартҳо ва шартҳое, ки ташкилот бояд дар давоми дувоздаҳ моҳи пас аз давраи ҳисоботӣ риоя кунад, ба таснифи ӯҳдадорӣ таъсир мерасонад. Ба давраҳои солона, ки аз 1 январи соли 2024 ё баъд аз он оғоз мешаванд, татбиқ мешавад.
- Тағйирот ба СБҲМ 16 "Иҷора" – Ӯҳдадориҳои иҷора дар фурӯш ва ба иҷора баргардонидани он мушаххас мекунад, ки чӣ гуна фурӯшанда-иҷорагир амалиёти фурӯш ва бозпасро, ки ба талаботи СБҲМ 15 мувофиқат мекунанд, бояд ҳамчун фурӯш ба ҳисоб гирифта шаванд. Ба давраҳои солона, ки аз 1 январи соли 2024 ё баъд аз он оғоз мешаванд, татбиқ мешавад.
- Тағйирот ба СБҲМ 10 ва СБМ 28 – Фурӯш ё саҳми дороиҳо дар муомилот байни сармоягузор ва корхонаи шарик ё корхонаи муштараки он. Тағйирот ба СБҲМ 10 ва СБМ 28 ҳолатҳоеро баррасӣ мекунанд, ки дар он фурӯш ё интиқоли дороиҳо байни сармоягузор ва ширкати шарик ё корхонаи муштараки он вуҷуд дорад. Мӯҳлати эътибори ислоҳот аз ҷониби Шурои СБҲМ ҳанӯз муқаррар нашудааст; вале пештар татбик намудани ислоххо ичозат дода мешавад.

Татбиқи стандартҳои нав ё аз нав дида баромадашуда ба вазъи молиявӣ ё фаъолияти Ташкилот таъсир нарасонд.

4. ЗАРАРИ СОФИ ФОИЗЙ

Зарари софи фоизии Ташкилот барои солҳое, ки 31 декабри солҳои 2022 ва 2021 анҷом ёфтаанд, тариқи зайл пешниҳод шудаанд:

	Барои соле, ки 31 декабри соли 2022 анҷом ёфтааст	Барои соле, ки 31 декабри соли 2021 анҷом ёфтааст (санҷишнашуда)
Даромадҳои фоизӣ аз рӯи дороиҳои молиявие, ки бо арзиши истеҳлокшуда баҳо дода мешаванд:		
Қарзҳои ба мизоҷон додашуда		
Дороиҳои молиявии бекурбнашуда	12	-
	12	-
Хароҷоти фоизӣ аз рӯи ӯҳдадориҳои молиявӣ, ки бо арзиши амортизатсияшуда ҳисоб карда мешаванд:		
Фоизҳо аз ҳисоби амонатхои муштариен	2	-
Хароҷоти молиявӣ оид ба ӯҳдадориҳои иҷора	43	50
	45	50
	(33)	(50)

5. ДАРОМАД ВА ХАРОҶОТҲОИ КОМИССИОНӢ

Даромадҳо ва хароҷотҳои комиссионии Ташкилот барои солҳое, ки 31 декабри 2022 ва 2021 анҷом ёфтаанд, тариқи зайл пешниҳод шудаанд:

	Барои соле, ки 31 декабри соли 2022 анҷом ёфтааст	Барои соле, ки 31 декабри соли 2021 анҷом ёфтааст (санҷишнашуда)
Даромадҳои комиссионӣ		
Эквайринг, системаҳои пардохт ва дигар пардохтҳои монанд	12,376	11,509
Нақдикунонии маблағ	5,298	3,101
Барои хизматрасонӣ суратҳисобҳои амонатӣ	189	-
Хизматрасонии кортхои пластики	250	-
Барои ҷойгиркунонии таҷхизот	-	587
	18,113	15,197
Хароҷотоҳои комиссионӣ		
Комиссияи агент	6,616	5,639
Мукофотпулии агент	2,510	3,838
Нақдикунонии маблағ	260	-
Хизматрасонии кортхои пластики	56	-
Хизматрасонии бонкхо	41	26
	9,483	9,503
	8,630	5,694

6. ДАРОМАД/(ЗАРАРИ) СОФ АЗ РЎИ АМАЛИЁТҲО БО АСЪОРИ ХОРИҶЙ

Даромад/(зарари) соф аз рӯи амалиётҳо бо асъори хориҷӣ дар Ташкилот барои солҳое, ки 31 декабри 2022 ва 2021 анҷом ёфтаанд, чунин пешниҳод гардидааст:

	Барои соле, ки 31 декабри соли 2022 анҷом ёфтааст	Барои соле, ки 31 декабри соли 2021 анҷом ёфтааст (санҷишнашуда)
Амалиётҳо оид ба хариду фурӯш, холис	239	(13)
Фарқиятҳои қурбӣ, холис	(36)	7
	203	(6)

Амалиётҳои тиҷоратӣ ин созишномаҳои СПОТ мебошанд, ки байни ташкилотҳои қарзӣ ба имзо мерасанд.

7. ХАРОҶОТҲОИ АМАЛИЁТӢ

Хароҷотҳои амалиётии Ташкилот барои барои солҳое, ки 31 декабри солҳои 2022 ва 2021 анҷом ёфтаанд, чунин пешниҳод гардидааст:

	Барои соле, ки 31 декабри соли 2022 анҷом ёфтааст	Барои соле, ки 31 декабри соли 2021 анҷом ёфтааст (санҷишнашуда)
Музди меҳнат ва мукофотпулиҳо	2,217	410
Хизмати нигаҳдории терминалхо	910	809
Таъмир ва нигаҳдории воситаҳои асосӣ	486	-
Хизматрасонии маркази тамос	449	592
Амортизатсияи дороиҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ	408	227
Амортизатсияи дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифода	305	214
Канселярӣ	220	24
Иҷораи амалиетӣ	156	55
Реклама	147	-
Андозҳо (ба истиснои андоз аз даромад)	109	182
Ҳисобкунӣ захираҳо аз рӯи рухсатии истифоданашуда	72	6
Иҷораи амалиетӣ	64	77
Хизматрасонии ҳуқуқӣ ва дигар хизматрасониҳои касбӣ	47	71
Хароҷотҳои коммунали	40	32
Сӯзишворӣ	33	32
Намояндагӣ	15	39
Хароҷотҳо барои мақсадҳои эҳсонкорӣ ва ёрии сарпарастӣ	5	21
Сафарҳои хизматӣ	1	-
Огоҳинамои тариқи СМС паёмак	-	69
Ҷарима	-	67
Дигар	-	50
	5,684	2,977

8. АНДОЗ АЗ ФОИДА

Ташкилот андозҳоро барои давраи ҷорӣ дар асоси маълумотҳои баҳисобгирии андоз, ки он мутобиқи талаботи қонунгузории андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал оварда мешавад, ҳисоб мекунад. Қонунгузории андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ фарқ карда метавонад. Барои 31 декабри солхои 2022 ва 2021 сол дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёри андоз аз фоида барои шахсони ҳуқуқӣ 20% ва 23 % -ро ташкил намуд. Агар Ташкилот аз рӯи натиҷаҳои соли молиявӣ зарар бинад, андози даромад пардохт карда намешавад.

Вобаста ба он, ки баъзе намудҳои хароҷот барои мақсадҳои андозбандӣ ба ҳисоб гирифта намешаванд ва бо сабаби мавҷудияти даромадҳои андозбандинашаванда Ташкилот бо фарқиятҳои доимии андозии муайян рӯ ба рӯ мегардад.

Андози мавқуф гузошташуда самараи софи андозбандиро аз фарқиятҳои замонӣ байни арзиши ҳисобии дороиҳову ӯҳдадориҳои ба ҳисоботдиҳии молиявӣ вобаста ва маблағе, ки бо мақсади андозбандӣ муайян карда мешавад, инъикос менамояд. Фарқиятхои замоние, ки ба санаи 31 декабри солҳои 2022 ва 2021 мавҷуд буданд, асосан ба усулҳои гуногуни баҳисобгирии даромаду хароҷот, инчунин арзиши ҳисобии баъзе дороиҳо вобаста буданд.

	Барои соле, ки 31 декабри соли 2022 анҷом ёфтааст	**Барои соле, ки 31 декабри соли 2021 анҷом ёфтааст (санҷишнашуда)**
Хароҷотҳо аз рӯи андози фоидаи ҷорӣ	591	653
Самара аз рӯи андози мавқуфгузошташуда аз фоида	(6)	(23)
Хароҷот аз рӯи андоз аз фоида	585	630

Таъсири андоз аз руи фарқиятҳои доимӣ дар натиҷаи маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба тарҳҳои иҷозатдодашуда ҳангоми ҳисобкунии базаи андоз аз фоида ба амал мебиёянд. Хусусан, фарқиятҳои доимӣ бо маҳдудияти тарҳҳо нисбат ба хароҷотҳои ташкили фондҳо барои таъмини талафоти имконпазир аз руи қарзҳои ба мизоҷон додашуда, ҷаримаҳо ба буҷети давлатӣ, хароҷоти суғуртаи ихтиёрӣ ва хароҷоти намояндагӣ алоқаманданд.

Таносуби байни хароҷоти андоз ва фоидаи баҳисобгирии муҳосибӣ барои солҳои 31 декабри 2022 ва 2021 чунин аст:

	Барои соле, ки 31 декабри соли 2022 анҷом ёфтааст	**Меъери самаранокии андоз**	**Барои соле, ки 31 декабри соли 2021 анҷом ёфтааст (санҷишнашуда)**	**Меъери самаранокии андоз**
Фоида то андозбандӣ	3,128		2,537	
Андоз аз рӯи меъёри муқарраршуда (20% барои с. 2022, 23% барои с. 2021)	614	20.00%	584	23.00%
Самараи андозӣ аз фарқиятҳои доимӣ	(41)	-1.30%	46	1.81%
Хароҷот аз рӯи андоз аз фоида	585		630	

Самараи андозӣ аз фарқиятҳои муваққатӣ ба ҳолати 31 декабри солҳои 2022 ва 2021 тариқи зерин пешниҳод гардидааст:

	31 декабри с. 2022	31 декабри с. 2021 (санҷишнашуда)
Дороиҳои мавқуфгузошташуда аз рӯи андоз аз фоида:		
Захираҳо барои зарари эҳтимолии қарзӣ аз руи воситахо дар бонкхо	78	105
Уҳдадориҳо аз рӯи иҷора	176	294
Захираҳо аз рӯи рухсатии истифоданашуда	97	25
Ҳамагӣ дороиҳои мавқуфгузошташуда аз рӯи андоз аз фоида	351	424
Ӯҳдадориҳои мавқуфгузошташудаи андоз аз фоида:		
Дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ	163	263
Ҳамагӣ ӯҳдадориҳои мавқуфгузошташуда аз рӯи андоз аз фоида	163	263
Дороиҳои софи мавқуфгузошташудаи андозӣ	188	161
Дороиҳои софи мавқуфгузошташудаи андозӣ (бо 20% меъёри мукарраршуда)	38	32

Самараи андозӣ аз фарқиятҳои муваққатӣ ба ҳолати 31 декабри солҳои 2022 ва 2021 тариқи зерин пешниҳод гардидааст:

	31 декабри с. 2021 (санҷишнашуда)	Дар ҳисобот оиди дигар даромадҳои муштарак эътироф шудааст	31 декабри с. 2022
Фарқиятҳои муваққатӣ:			
Захираҳо барои зарари эҳтимолии қарзӣ аз руи воситахо дар бонкхо	105	(27)	78
Уҳдадориҳо аз рӯи иҷора	294	(118)	176
Захираҳо аз рӯи рухсатии истифоданашуда	25	72	97
Ҳамагӣ дороиҳои мавқуфгузошташуда аз рӯи андоз аз фоида	424	(73)	351
Фарқиятҳои муваққатӣ:			
Дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ	263	(100)	163
Ҳамагӣ ӯҳдадориҳои мавқуфгузошташуда аз рӯи андоз аз фоида	263	(100)	163
Дороиҳои мавқуфгузошташуда холис (бо 20% меъёри мукарраршуда)	32	6	38

	31 декабри с. 2020 (санҷишнашуда)	Дар ҳисобот оиди дигар даромадҳои муштарак эътироф шудааст	31 декабри с. 2021 (санҷишнашуда)
Фарқиятҳои муваққатӣ:			
Захираҳо барои зарари эҳтимолии қарзӣ аз руи воситахо дар бонкхо	21	84	105
Уҳдадориҳо аз рӯи иҷора	26	268	294
Захираҳо аз рӯи рухсатии истифоданашуда	19	6	25
Ҳамагӣ дороиҳои мавқуфгузошташуда аз рӯи андоз аз фоида	66	358	424
Фарқиятҳои муваққатӣ: Дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ	25	238	263
Ҳамагӣ ӯҳдадориҳои мавқуфгузошташуда аз рӯи андоз аз фоида	25	238	263
Дороиҳои мавқуфгузошташуда холис (бо 20% меъёри мукарраршуда)	9	23	32

9. ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА МУОДИЛИ ОНХО

Ба санаи 31 декабри солҳои 2022 ва 2021 воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо, ки дар ҳисобот оиди вазъи молиявӣ пешниҳод гардидаанд, фарогири ҷузъҳои зерин ҳастанд:

	31 декабри с. 2022	31 декабри с. 2021 (санҷишнашуда)
Воситаҳои пулӣ дар хазина	2,183	84
Суратҳисоби ҷорӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон	2,126	-
	4,309	84

Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо, ки дар Ҳисобот оиди гардиши воситаҳои пулӣ пешниҳод шудаанд, дорои ташкилдиҳандаи зерин мебошанд:

	31 декабри с. 2022	31 декабри с. 2021
Воситаҳои пулӣ дар хазина ва суратҳисоб дар Бонки миллии Тоҷикистон	4,309	84
Суратҳисобҳои муросилотӣ дар бонкҳои дигар (Тавзеҳоти 10)	2,205	5,810
Ҳисобҳо барои қабул	10,901	11,140
	17,415	17,034

10. ВОСИТАҲО ДАР БОНКҲО

Ба санаи 31 декабри солҳои 2022 ва 2021 воситаҳо дар бонкҳо ба тариқи зайл пешниҳод гардиданд:

	31 декабри с. 2022	31 декабри с. 2021 (санҷишнашуда)
Суратҳисобҳои муросилотӣ дар дигар ташкилотхои молияви	2,283	5,915
Захираҳо барои зарари эҳтимолии қарзӣ	(78)	(105)
	2,205	5,810

11. ҚАРЗҲОИ БА МИЗОҶОН ДОДАШУДА

Ба санаи 31 декабри солҳои 2022 ва 2021 қарзҳои ба мизоҷон додашуда, ба тариқи зайл пешниҳод шуданд:

	31 декабри с. 2022	31 декабри с. 2021 (санҷишнашуда)
Қарзҳои ба мизоҷон додашуда	28	-
Фоизҳои ҳисобшуда	1	-
	29	-

Ташкилот ба мизоҷони худ қарзҳои истеъмолӣ, тиҷоратӣ ва истеҳсолиро пешниҳод менамояд. Дар ҷадвали поён маълумот аз рӯи соҳаҳои қарзҳои додашуда оварда шудааст:

	31 декабри с. 2022	31 декабри 2021с. (санҷишнашуда)
Қарзҳои истеъмолӣ	29	29
	29	29

Иттилоот дар бораи таъмин бо гарав аз рӯи қарзҳои додашуда ба таври зерин пешниҳод мегардад:

	31 декабри с. 2022	31 декабри с. 2021 (санҷишнашуда)
Бе таъминот	29	29
	29	29

Ба санаи 31 декабри солҳои 2022 ва 2021 маблағи сандуқи қарзӣ мутаносибан 29 ҳазор сомони ва 0 ҳазор сомониро (бо назардошти фоизҳои хисобшуда) ташкил дод. Карзҳо ба мизоҷоне, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамоянд, пешниҳод карда шуд, ки ин аз ҷиҳати ҷуғрофӣ дараҷаи муҳимияти муттаҳидгардонӣ ва дараҷаи баланди хатари қарзӣ дорад

12. ВОСИТАҲОИ АСОСӢ ВА ДОРОИҲОИ ҒАЙРИМОДӢ

Ба санаи 31 декабри солҳои 2022 ва 2021 воситаҳои асоси ва дороиҳои ғайримодии Ташкилот ба таври зерин пешниҳод гардиданд:

	Мебел	Техникаи компютери	Воситаҳои нақлиётӣ	Воситахои асосии дигар	Ҳамагӣ
Арзиш					
31 декабри соли 2020 (санҷишнашуда)	55	67	-	284	406
Воридот	15	117	60	3	195
31 декабри соли 2021(санҷишнашуда)	70	184	60	287	601
Воридот	73	3,190	72	30	3,365
31 декабри соли 2022	143	3,374	132	317	3,966
Истеҳлоки ҷамъшуда					
31 декабри соли 2020 (санҷишнашуда)	7	11	-	47	65
Дар давоми сол ҳисоб карда шуд	7	16	-	47	70
31 декабри соли 2021 (санҷишнашуда)	14	27	-	94	135
Дар давоми сол ҳисоб карда шуд	11	197	6	13	227
31 декабри соли 2022	25	224	6	107	362
Арзиши холиси тавозуни					
31 декабри соли 2021(санҷишнашуда)	56	157	60	193	466
31 декабри соли 2022	118	3,150	126	210	3,604

Ба санаи 31 декабри 2022 и 2021 Ташкилот дорои воситаҳои асосие, ки ба сифати гарав ҳамчун таъминоти ӯҳдадорӣ набуд. Ба ҳолати 31 декабри солҳои 2022 ва 2021 воситаҳои асосии пурраи истеҳлокшуда мавчуд набуд. Ба ҳолати 31 декабри солҳои 2022 ва 2021 воситаҳои асосии ба шакли грант гирифташуда мавчуд набуд.

13. ИҶОРА

Ба санаи 31 декабри солҳои 2022 ва 2021 дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ ва ӯҳдадориҳо аз рӯи иҷора ба тариқи зайл пешниҳод гардидааст:

Дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ	31 декабри с. 2022	31 декабри с. 2021 (санҷишнашуда)
Биноҳо	163	263
	163	263

Ӯҳдадориҳо аз рӯи иҷора	31 декабри с. 2022	31 декабри с. 2021 (санҷишнашуда)
Ҷорӣ	117	249
Дарозмуддат	59	45
	176	294

Истеҳлоки ҷамъшудаи дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ	31 декабри с. 2022	31 декабри с. 2021 (санҷишнашуда)
Биноҳо	585	280
	585	280

	Дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ Бино	Ӯҳдадориҳои иҷора
31 декабри соли 2021	263	294
Афзоиш	184	184
Тағйирот	19	19
Истеҳлоки дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ	(305)	-
Хароҷотҳои молияви аз рӯи ӯҳдадориҳои иҷоравӣ	-	43
Даромад аз тағирот	-	4
Пардохтҳо	-	(368)
31 декабри соли 2022	163	176

14. ДОРОИҲОИ ҒАЙРИМОДДӢ

Ба санаи 31 декабри солҳои 2022 ва 2021 дороиҳои ғайримоддии Ташкилот ба тариқи зайл пешниҳод гардидааст:

	Дороиҳои ғайримоддӣ
Арзиш	
31 декабри соли 2020 (санҷишнашуда)	1,703
Воридот	-
31 декабри соли 2021 (санҷишнашуда)	1,703
Воридот	248
31 декабри соли 2022 (санҷишнашуда)	1,951

	Дороиҳои ғайримоддӣ
Истеҳлоки захиравӣ	
31 декабри соли 2020 (санҷишнашуда)	142
Дар давоми сол ҳисоб карда шуд	156
31 декабри соли 2021 (санҷишнашуда)	298
Дар давоми сол ҳисоб карда шуд	182
31 декабри соли 2022	480
Арзиши софи тавозунӣ	
31 декабри соли 2022	1,471
31 декабри соли 2021 (санҷишнашуда)	1,405

15. ҲИСОБҲО БАРОИ ҚАБУЛ

Ба санаи 31 декабри солҳои 2022 ва 2021 ҳисобҳо барои қабул ба тариқи зайл пешниҳод шуданд:

	31 декабри с. 2022	31 декабри с. 2021
Ҳисобҳо барои қабул аз провайдер ва агентҳо	10,901	11,140
	10,901	11,140

Дебиторони назарраси Ташкилот ба санаи 31 декабри солҳои 2022 ва 2021 ҳисобҳо барои қабул ба тариқи зайл пешниҳод шуданд:

	31 декабри с. 2022	31 декабри с. 2021 (санҷишнашуда)
Агент - 560486 (нав)	1,250	-
ЧСК "ТТ Мобайл"	1,206	3,291
Сангинов Сиевуш	1,029	524
ЧСП "Индиго Таджикистан"	929	873
Аюбова Мавчуда	863	244
Шахобов Халим	750	478
Рачабзода Шохрухруз	716	-
ЧДММ "Вавилон -М"	698	1,450
Шарифова Саврининссо	531	133
Саримсокова Фархунда (А.И)	398	2,136
Шарифов Розик	312	134
Хакимова З	218	-
Исамов Чамшед	215	-
Провайдер -ЧДММ Пардохт -ТЧ Оборот	197	391
ЧДММ «Далер Юсуф»	156	25
	9,468	9,679

16. ДИГАР ДОРОИҲО

Ба санаи 31 декабри солҳои 2022 ва 2021 дигар дороиҳои Ташкилот ба таври зерин пешниҳод гардиданд:

Дигар дороиҳои ғайримолиявӣ	31 декабри с. 2022	31 декабри с. 2021 (санҷишнашуда)
Пешпардохт барои воситаҳои асосӣ	636	-
Захираҳои моддию моли	511	3
Пешпардохт барои хизматрасониҳо	295	14
Уҳдадории кормандон	-	40
	1,442	57

17. ВОСИТАҲОИ БОНКҲО ВА ТАШКИЛОТҲОИ МОЛИЯВӢ

Ба ҳолати 31 декабри солҳои 2022 ва 2021 воситаҳои бонкҳо ва ташкилотҳои молиявӣ ба таври зайл пешниҳод гардиданд:

	31 декабри соли 2022	31 декабри соли 2021 (санҷишнашуда)
Суратҳисобҳои муросилотии бонкҳо ва ташкилотҳои молиявӣ	10,071	7,323
	10,071	7,323

18. АМОНАТҲОИ МИЗОҶОН

Ба ҳолати 31 декабри солҳои 2022 ва 2021 амонатҳои мизоҷони Ташкилот ба таври зайл пешниҳод гардиданд:

	31 декабри с. 2022	31 декабри с. 2021 (санҷишнашуда)
Амонатҳои дархостшавандаи шахсони ҳуқуқӣ	346	-
Амонатҳои мӯҳлатноки шахсони воқеи	278	-
Амонатҳои дархостӣ шахсони воқеи	95	-
	719	-

19. ҲИСОБҲО БАРОИ ПАРДОХТ

Ба санаи 31 декабри солҳои 2022 ва 2021 ҳисобҳо барои пардохт ба таври зерин пешниҳод гардиданд:

	31 декабри с. 2022	31 декабри с. 2021 (санҷишнашуда)
Ҳисобҳо барои пардохт провайдерхо ва агентҳо	3,184	3,425
Ҳисобҳо барои пардохтои хизматрасони ва молҳо	6	716
	3,190	4,141

Кредиторони назарраси Ташкилот ба санаи 31 декабри солҳои 2022 ва 2021 ҳисобҳо барои қабул ба тариқи зайл пешниҳод шуданд:

	31 декабри с. 2022	31 декабри с. 2021 (санҷишнашуда)
Агент - 560453 дог. нав	321	-
Провайдер -ЧДММ Вавилон-Т	223	-
550001-Шарипов Эркинчон Раджабович	200	213
Unipay danismanlik YAZILIM Teknolojserbest	160	195
553265-Гулов Навруз	119	113
Провайдер -ЧДММ Олуча такси	119	304
554421-Азизкулова Шахноза	109	192
СИ Тагоева Баргигул	105	180
ЧДММ "Фаворит плюс"	101	87
Агент - 556788	99	-
Агент - Хизматрасонии ПОС-терминал (ПВН)	99	-
Агент - 550028	96	-
550163-Саидов Бахтиёр Шеравганович	89	-
СИ "Сафаров Илхом "	75	110
ЧДММ "Мададгори дустон" Хизматрасонии ПОС-терминал (ПВН)	73	-
Провайдер -ЧДММ Салом Такси	69	65
	2,057	1,459

20. ӮҲДАДОРИҲО АЗ АНДОЗҲО

Ба санаи 31 декабри солҳои 2022 ва 2021 ӯҳдадориҳо аз андозҳои Ташкилот ба тариқи зайл сурат гирифтанд:

	31 декабри с. 2022	31 декабри с. 2021 (санҷишнашуда)
Андоз аз даромад	39	342
Андози иҷтимои	10	-
Дигарҳо	3	19
	52	361

21. ДИГАР ӮҲДАДОРИҲО

Ба санаи 31 декабри солҳои 2022 ва 2021 дигар ӯҳдадориҳои Ташкилот ба тариқи зайл сурат гирифтанд:

	31 декабри с. 2022	31 декабри с. 2021 (санҷишнашуда)
Дигар ӯҳдадориҳои молиявӣ		
Захира барои рухсатии истифоданашуда	97	25
	97	25
Дигар ӯҳдадориҳои гайримолиявӣ		
Ҳисобиҳои ҷори бо кормандон	-	1
	-	1
	97	26

22. САРМОЯИ ОИННОМАВӢ

Ба санаи 31 декабри соли 2022 ва 2021 сармояи оддии Ташкилот мутаносибан 6,300 ҳазор ва 6,000 сомониро ташкил намуд.

Тибқи қарори муассиси № 1 аз 23 марти соли 2020, сармояи оинномавии Ташкилот дар шакли пулӣ ва эквивалентҳои пулӣ ба маблағи 500 ҳазор сомонӣ зиёд карда шуд.

22 феврали соли 2021 дар Маҷлиси умумии иштирокчиёни Ташкилот Муассисон сармояи оинномавии Ташкилотро ба маблағи 5,320 хазор сомони зиёд карда аз 680 хазор сомони ба 6,000 хазор сомони расонидани сармояи оинномавиро қарор кардаанд. Аз ин маблағ 1,663 ҳазор сомони аз ҳисоби фоидаи тақсимнашудаи солҳои гузашта (915 ҳазор сомони фоидаи тақсимнашудаи соли 2020 ва 748 ҳазор сомони фоидаи тақсимнашудаи соли 2021) ва 3,657 ҳазор сомони саҳмҳои Муассисони ташкилот дар шакли пули ташкил намудаанд

23. ӮҲДАДОРИҲОИ МОЛИЯВИИ ШАРТӢ

Ӯҳдадориҳо аз рӯи хароҷотҳои сармоявӣ

Ба санаи 31 декабри солҳои 2022 ва 2021 Ташкилот аз рӯи хароҷотҳои сармоявӣ ӯҳдадорӣ надошт.

Даъвоҳои судӣ

Тибқи вазъи таърихҳои ҳисоботӣ, Ташкилот ба мурофиаҳои судии зидди вай оғозшуда ҷалб нагардидааст.

Андозбандӣ

Конунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилу тафсирҳои гуногун буда, зуд-зуд тағйир меёбад. Мақомоти андоз метавонанд дар тафсири қонунгузори ва барраси намудани ҳисобкунии андоз мавқеи сахттареро пеш гиранд. Агар тартиби муайян дар асоси қарори роҳбарият оид ба фаъолияти Ташкилот аз ҷониби мақомоти андоз эътироз карда шавад, ба Ташкилот метавонад андозҳои иловагӣ, ҷаримаҳо ва ҷаримаҳо андозбандӣ карда шавад. Роҳбарияти Ташкилот бар ин назар аст, ки он аллакай тамоми пардохтҳои андозро анҷом додааст ва аз ин рӯ, дар ҳисоботи молиявӣ ягон тахфиф ба амал наомадааст. Мақомоти андоз метавонанд маълумоти андозро дар панҷ соли охир аз нав дида бароянд.

Ҳолати иқтисодӣ

Фаъолияти асосии иқтисодии Ташкилот дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст. Аз сабаби он, ки қонунгузорӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрии ба вазъияти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир расонанда мунтазам тағйир меёбанд, дороиҳо ва амалиётҳои Ташкилот дар ҳолати вазниншавии вазъиятҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ ба хавф дучор мешаванд.

Муҳити амалиётӣ

Бар хилофи бозорҳои нисбатан инкишофёфта, бозорҳои мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ, ба монанди Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифторшавандаи таъсири хавфҳои гуногун, аз ҷумла хавфҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва меъёрӣ мебошанд. Танзими меъёрӣ-ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз гирифторшавандаи тағйиротҳо мебошад. Таъбири гуногуни қонунгузориҳои андоз, асъор ва гумрук, инчунин маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ ва фискалӣ (хазинаи давлатӣ), ки бо онҳо Ташкилоти дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият кунанда рӯ ба рӯ мешавад, вуҷуд доранд. Самти ояндаи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан аз истифодаи чорабиниҳои давлатии иқтисодӣ, андозӣ ва сиёсати пулию қарзӣ, инчунин тағйироти базаи меъёрию ҳуқуқӣ, муайяан шуда истодааст.

Танзими меъёрии ҳуқуқии активҳои расмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли гузашта тағйирёбанда мебошанд. Имконияти интерпретатсияи гуногуни андозӣ, асъорӣ ва қонунгузории гумрукӣ, инчунин дигар маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ ва фискалӣ вуҷуд доранд, ки Ташкилот ҳангоми фаъолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба онҳо бармехӯрад. Самти ояндаи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар аксари мавридҳо тибқи аз ҷониби давлатҳо истифода намудани тадбирҳои иқтисодӣ, андозӣ ва сиёсати пулию қарзӣ, инчунин тағйирёбии заминаи меъёрию ҳуқуқӣ ва вазъи сиёсӣ дар кишварҳо муайян мегардад.

Ҳисоботи молиявии мазкур фарогири ягон тасҳеҳоти дар оянда дар натиҷаи ҳалли номуайянии мазкур зарур мешуда нест. Тасҳеҳоти имконпазир танҳо дар даврае ба ҳисобот ворид карда мешаванд, ки инъикоси онҳо яқинан зарур гардида, баҳогузории нишондиҳандаҳои миқдории онҳо имконпазир мегардад.

Ҷубронпазирии дороиҳои молиявӣ

Ба санаи 31 декабри соли 2022 ва 2021 дороиҳои молиявии Ташкилот мутаносибан 17,542 ҳазор сомониро ва 17,034 ҳазор сомониро ташкил мекард. Ҷубронпазирии ин дороиҳои молиявӣ пеш аз ҳама аз самаранокии чораҳои буҷетӣ, ки дар кишварҳои гуногун барои расидан ба устувории иқтисодӣ нигаронида шудаанд, яъне омилҳое, ки дар доираи назорати Ташкилот нестанд, вобаста мебошанд. Ҷубронпазирии дороиҳои молиявӣ аз тарафи Ташкилот дар асоси шартҳое, ки ба санаи ҳисоботӣ мавҷуданд, муайян карда мешавад. Роҳбарияти Ташкилот дар асоси ҳолатҳои воқеӣ ва маълумотҳои мавҷуда ақида дорад, ки дар давраи мазкур барои дороиҳои молиявӣ таъсис додани маблағи захира зарурате нест.

24. АМАЛИЁТҲО БО ШАХСОНИ ВОБАСТА

Дар рафти баррасии ҳар як шахсони вобастаи имконпазир диққати асосӣ на ба шакли ҳуқуқӣ, балки ба мазмуну моҳияти ин робитаҳо равона карда мешавад.

Дар ҳисоботи вазъи молиявӣ ба ҳолати 31 декабри солҳои 2022 ва 2021, дар бораи амалиётҳо бо шахсони марбут маблағҳои зерин гузориш дода шудаанд:

	31 декабри с. 2022			31 декабри с. 2021 (санҷишнашуда)		
	Амалиёт бо шахсони вобаста	%-и миёна-вазнӣ	Ҳамагӣ аз рӯи категория мутобиқи моддаҳои ҳисоботи молиявӣ	Амалиёт бо шахсони вобаста	%-и миёна-вазнӣ	Ҳамагӣ аз рӯи категория мутобиқи моддаҳои ҳисоботи молиявӣ
Амонатҳои мизоҷон	23	0%	719	-	-	-

Подошҳо ба ҳайати асосии кормандони идоракунанда

Музди меҳнати кормандони асосии роҳбарикунанда аз ҷониби роҳбарияти болоии Ташкилот дар асоси кормандон ва шартномаҳои меҳнатии инфиродӣ муқаррар карда мешавад.Ҷуброн барои кормандони асосии идоракунӣ маош ва дигар имтиёзҳои кӯтоҳмуддатро дар бар мегирад.

	Ба ҳолати 31 декабри с. 2021		Ба ҳолати 31 декабри с. 2020	
	Амалиёт бо шахсони вобаста	Ҳамагӣ аз рӯи категория мутобиқи моддаҳои ҳисоботи молиявӣ	Амалиёт бо шахсони вобаста	Ҳамагӣ аз рӯи категория мутобиқи моддаҳои ҳисоботи молиявӣ
Хароҷотҳои амалиётӣ:				
- подошҳо ба ҳайати асосии кормандони идоракунанда	323	5,684	53	2,976
- пардохтҳо ба Фонди Иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон	65	5,684	13	2,976

	Муносибатҳо
ЎҲДАДОРИҲО	
Амонатҳои мизоҷон	Директор,Чонишини директор, Саҳҳомон
ФОИДА ВА ЗАРАР	
- Подош барои кормандони асосии идоракунӣ	Директор,Чонишини директор, Саҳҳомон

25. ТАЛАБОТҲОИ ПРУДЕНСИАЛӢ

Мутобиқи нишондиҳандаҳои муқарраргардидаи миқдорӣ бо мақсади таъминкунии кифоягии сармоя Ташкилот вазифадор аст, ки талаботи марбут ба маблағҳои минималӣ ва меъёрҳои таносуби маблағи умумии сармоя (12%)–ро нисбати маблағи умумии дороиҳои бо назардошти хавф баркашидашуда (10%) иҷро намояд.

Меъёр мутобиқи қоидаҳои муқарраркардаи Бонки миллии Тоҷикистон таҳия гардида, метавонад аз қоидаҳои муқарраркардаи Созишномаи Базел бо истифодаи баҳогузории зерини хавф барои дороиҳо ва ўҳдадориҳои ғайритавозунӣ бо нигоҳ доштани захираҳо оиди беқурбшавӣ каме фарқ кунад.

	Барои соле, ки 31 декабри соли 2022 анҷом ёфтааст
Гардиши сармояи дараҷаи аввал	
Дар аввали сол	7,289
Амалиётҳо бо соҳибмулкон	300
Тағирёбии фоидаи тақсимнашудаи солҳои гузашта	244
Дар охири сол	7,833

	31 декабри с. 2022
Таркиби сармояи танзимшаванда	
Сармояи дараҷаи аввал:	
Сармояи худии Ташкилот	7,833
Бе назардошти арзиши софи тавозунии дороиҳои ғайримоддӣ	(1,471)
Ҳамагӣ сармояи дараҷаи аввал	6,362
Ҳамагӣ сармояи дараҷаи дуюм	1,272
Бе назардошти сармоягузорӣ ба саҳмияҳои ташкилотҳо	-
Ҳамагӣ сармояи танзимшаванда	7,634
Дороиҳои бо назардошти хавф баркашидашуда	19,026
Ҳамагӣ дороиҳо	23,843

Маблағи сармоя ва коэффитсиенти кифоятии сармояи Ташкилот ба тариқи зайл пешниҳод шудааст:

	Таносуб барои мақсадҳои басандагии сармоя	Таносуби минималии талабшаванда
Ба ҳолати 31 декабри соли 2022		
Коэффитсиенти кифоятии сармоя К1.1	42.35%	12%
Коэффитсиенти кифоятии сармоя К1.2	32.02%	10%

Ба ҳолати 31 декабри солҳои 2022 сармояи умумие, ки бо мақсади ҳисобу китоби кифоятии сармоя муайян шуда буд, аз сармояи дараҷаҳои аввал ва дуюм иборат буд.

26. СИЁСАТИ ИДОРАКУНИИ ХАВФҲО

Идоракунии хавфҳо дар фаъолияти Ташкилот нақши муҳимро мебозад. Хавфҳои асосии ба фаъолияти Ташкилот хос аз инҳо иборатанд:

- Хавфи қарзӣ;
- Хавфи амалиётӣ;
- Хавфи пардохтпазирӣ;
- Хавфи бозорӣ.

Барои таъмини сиёсати самараноки идоракунии хавфҳо Ташкилот принсипҳои асосии идоракунии хавфҳоро муайян кардааст. Мақсади ин принсипҳо аз ҳимоя кардани Ташкилот аз хавфҳои мавҷуда ва имкон додан барои ноил гардидан ба нишондиҳандаҳои банақшагирифташуда иборат аст. Принсипҳои ишорагардида аз ҷониби Ташкилот дар рафти идоракунии хавфҳои зерин истифода карда мешаванд:

Хавфи қарзӣ

Ташкилот ба хавфи қарзӣ гирифтор шуда метавонад, ин хавф ба он вобаста аст, ки як тараф ӯҳдадориҳои марбут ба воситаҳои молиявиро иҷро карда наметавонад, ки дар натиҷа тарафи дигар ба зарари молиявӣ рӯ ба рӯ мегардад.

Идоракунии хавфҳо ва мониторинги онҳо аз Чониби Кумитаҳои қарзӣ ва Роҳбарияти Ташкилот дар доираи салоҳиятҳои муқарраргардида ба амал оварда мешавад. Пеш аз амали бевоситаи Кумитаи қарзӣ роҳбарияти Ташкилот тамоми тавсияҳои марбут ба равандҳои қарзӣ (маҳдудиятҳое, ки барои қарзгирандагон муқаррар карда шудаанд ва ё иловаҳо ба шартномаи қарзӣ ва ғ.)-ро баррасӣ ва тасдиқ мекунад.

Ташкилот вобаста ба идоракунии хавфи қарзӣ сиёсатеро таҳия карда баромад, ки он масъалаҳои маҳдудкунии аванди марказонидани ҷузвдони қарзӣ ва таъсис додани кумитаи қарзиро дар бар кардааст, кумитаи мазкур мониторинги хавфро ба амал меорад. Сиёсати қарзии Ташкилот аз ҷониби Шӯрои Нозирон баррасӣ ва тасдиқ карда мешавад. Ташкилот сатҳҳои хавфи қарзиро

тавассути муқаррар намудани меъёрҳои маҳдудкунандаи ҳаҷми хавф, ки дар нисбати як қарзгиранда ё гурӯҳи қарзгирандагон, инчунин аз рӯи секторҳои иқтисодиёт қабул мегардад, ташаккул медиҳад. Нисбати меъёрҳои муқаррагардида мониторинги ҳамарӯзаи хавфҳои воқеӣ ба амал оварда мешавад.

Гирифтор будан ба хавфи қарзӣ дар асоси таҳлили мунтазами қобилияти қарзгирандагон ва қарзгирандагони эҳтимолӣ барои иҷроиши ӯҳдадориҳои марбут ба пардохти фоизҳо ва маблағҳои асосӣ, инчунин ҳангоми зарурат тавассути тағйир додани ин меъёрҳои қарзӣ назорат карда мешавад. Гирифторшавӣ ба хавфи қарзӣ инчунин тавассути гирифтани таъминот ва гаравҳое, ки аз тарафи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дода мешаванд, танзим карда мешавад, вале қисми қарздиҳӣ ба қарзҳое рост меояд, ки ба шахсони воқеӣ дода мешаванд, дар нисбати онҳо гирифтани гарав ё кафолат имконнопазир мебошад. Чунин хавфҳо доимӣ мониторинг карда шуда, на кам аз 1 маротиба дар давоми сол таҳлил мегарданд.

Хавфи амалиётӣ

Ташкилот ба хатари амалиётӣ дучор мешавад, ки ин хатари талафот дар натиҷаи ҳама гуна нокомии системавӣ ё қатъи равандҳои дохилӣ, системаҳо, хатогиҳои инсонӣ ё таъсири омилҳои манфии беруна мебошад.

Сиёсати идоракунии хавфҳои Ташкилот барои муайян кардан ва таҳлили хавф ва муқаррар кардани маҳдудият ва назорати мувофиқи хавфҳо пешбинӣ шудааст.

Ҳадди аксар хавфи қарзӣ

Маблағи ҳадди аксар ба хавфи қарзӣ вобаста ба хавфҳои инфиродӣ, ки ба дороиҳои мушаххаси молиявӣ ва хатарҳои умумии бозорӣ хосанд, метавонад ба таври назаррас фарқ кунад.

Дар ҷадвали зерин ҳадди аксар ба хавфи қарзӣ барои дороиҳои молиявӣ ва ӯҳдадориҳои шартӣ оварда шудаанд. Барои дороиҳои молиявӣ, ҳадди аксар дучоршавӣ ба хавфи қарзӣ ба арзиши балансии ин дороиҳо, бо назардошти ҳама гуна баҳисобгирӣ ва гарав баробар аст. Барои кафолатҳои молиявӣ ва дигар ӯҳдадориҳои шартӣ, ҳадди аксар дучоршавӣ ба хавфи қарзӣ маблағи ҳадди аксарест, ки Ташкилот бояд дар сурати фаро расидани мӯҳлати кафолат ё гирифтани қарзҳо аз рӯи хатҳои қарзии кушода пардохт кунад.

Арзиши гарав дар асоси арзиши одилона дар санаи додани қарз муайян карда мешавад ва бо маблағи бақияи қарзи мушаххас дар санаи ҳисоботӣ маҳдуд аст.

	Ҳадди аксар хавфи қарзӣ	Маблағи ҷубронпулӣ	Қарзи холис пас аз ҷуброн	Таъминот	2022 Ҳаҷми қарзи холис пас аз ҷуброн ва баҳисобгирии гарав
Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо	2,183	-	-	-	2,183
Захираҳои ҳатмӣ дар Бонки Миллии Тоҷикистон	98	-	-	-	98
Воситаҳо дар бонкҳо	2,205	-	-	-	2,205
Қарзҳо ба мизоҷон	29	-	-	-	29
Ҳисобҳо барои қабул	10,901	-	-	-	10,901

	Ҳадди аксар хавфи қарзӣ	Маблағи ҷубронпулӣ	Қарзи холис пас аз ҷуброн	Таъминот	2021 (санҷишнашуда) Ҳаҷми қарзи холис пас аз ҷуброн ва баҳисобгирии гарав
Воситаҳо дар бонкҳо	5,810	-	-	-	5,810
Ҳисобҳо барои қабул	11,140	-	-	-	11,140

Дар сурати аз ҷониби қарзгир иҷро накардан ё номатлуб иҷро кардани ӯҳдадориҳои кредитӣ Ташкилот ҳуқуқ дорад иҷрои ин ӯҳдадориҳоро бо роҳҳои зерин таъмин намояд:

1. фурӯши муштараки предмети гарав;
2. бо тартиби муқаррарнамудаи конун ба моликият кабул намудани молу мулки ба гарав гузошташуда;
3. ситонидан аз амволи ба гарав гузошташуда дар мурофиаи судӣ.

Дар фурӯши муштараки предмети гарав дар аксари мавридҳо Ташкилот аз имкони бастани шартномаи сетарафаи хариду фурӯш бо қарзгир ва харидор истифода мебарад. Мутобиқи ин шартнома ба ӯҳдадориҳои харидор пардохти қарзи фурӯшанда дар назди Ташкилот; ба ӯҳдадориҳои фурӯшанда додани ҳуқуқ ба амвол ба харидор дохил мешаванд; ва ухдадорихои чамъият аз чониби карзгиранда баргардонидани карз ва аз молу мулк рафъи гарангро дар бар мегирад.

Таъмини молу мулки ба гарав гузошташуда ба тартиби судӣ аз ҷониби Ташкилот асосан дар ҳолатҳое амалӣ карда мешавад, ки истифодаи усулҳои алтернативӣ имконнопазир ё номувофиқ бошад ё дар ҳолатҳое, ки ҳабс кардани молу мулки ба гарав гузошташуда бо мақсади ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои Ташкилот зарур аст.

Дороиҳои молиявӣ мувофиқи рейтингҳои кредитии ҷорӣ, ки аз ҷониби агентиҳои рейтингии байналмиллалӣ эътироф шудаанд, тасниф карда мешаванд. Баландтарин рейтинги имконпазир Ааа аст. Дороиҳои молиявии дараҷаи сармоягузорӣ ба рейтингҳо аз Ааа то Ваа3 мувофиқат мекунанд. Дороиҳои молиявие, ки аз Ваа3 пасттар баҳогузорӣ шудаанд, ҳамчун спекулятсионалӣ тасниф карда мешаванд.

Дар зер гурӯҳбандии дороиҳои молиявии Ташкилот аз рӯи рейтингҳои қарзӣ оварда шудааст.

	Ааа	B	Ваа3	B3	Рейтинги кредитӣ таъин нашудааст	2022 с. Ҳамагӣ
Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо	-	-	-	-	4,309	4,309
Захираҳои ҳатмӣ дар Бонки Миллии Тоҷикистон	-	-	-	-	98	98
Воситаҳо дар бонкҳо	-	-	-	-	2,205	2,205
Қарзҳо ба мизоҷон	-	-	-	-	29	29
Ҳисобҳо барои қабул	-	-	-	-	10,901	10,901

	Ааа	Ba2	B3	>B3	Рейтинги кредитӣ таъин нашудааст	2021 с. (санҷиш нашуда) Ҳамагӣ
Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо	-	-	-	-	719	719
Воситаҳо дар бонкҳо	-	-	-	-	10,071	10,071
Ҳисобҳо барои қабул	-	-	-	-	3,190	3,190

Хавфи асосии қарзии Ташкилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутамарказ шудааст.

Дар ҷадвали зерин арзиши тавозунии дороиҳои мӯҳлаташон гузашта ва дороиҳои беқурбшавӣ нагардида, инчунин аз рӯи мӯҳлати қарзи мӯҳлаташ гузашта тасниф карда мешаванд, оварда шудаанд:

	Дороиҳои ҷории беқурб-шуда	Дороиҳои молиявӣ, ки мӯҳлаташон гузаштааст, вале беқурб нашудаанд: то 3 моҳ	3 - 6 моҳ	6 моҳ - 1 сол	Зиёда аз 1 сол	Дороиҳои молиявии беқурбшуда	2022 с. Ҳамагӣ
Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо	4,309	-	-	-	-	-	4,309
Захираҳои ҳатмӣ дар Бонки Миллии Тоҷикистон	98	-	-	-	-	-	98
Воситаҳо дар бонкҳо	2,205	-	-	-	-	-	2,205
Қарзҳо ба мизоҷон	29	-	-	-	-	-	29
Ҳисобҳо барои қабул	10,901	-	-	-	-	-	10,901

	Дороиҳои ҷории беқурб-шуда	Дороиҳои молиявӣ, ки мӯҳлаташон гузаштааст, вале беқурб нашудаанд: то 3 моҳ	3 - 6 моҳ	6 моҳ - 1 сол	Зиёда аз 1 сол	Дороиҳои молиявии беқурбшуда	2021 с. (санҷишнашуда) Ҳамагӣ
Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо	84	-	-	-	-	-	84
Воситаҳо дар бонкҳо	5,810	-	-	-	-	-	5,810
Ҳисобҳо барои қабул	11,140	-	-	-	-	-	11,140

Консентратсияи ҷуғрофӣ

Шӯъбаи идоракунии хавфҳо хавферо, ки бо тағирот дар қонунгузорӣ алоқаманд аст, назорат мекунад ва таъсири онро ба фаъолияти Ташкилот арзёбӣ мекунад. Ин равиш ба Ташкилот имкон медиҳад, ки талафоти эҳтимолиро аз тағйирот дар фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳадди ақал расонад.

Маълумот дар бораи консентратсияи ҷуғрофии дороиҳо ва ӯҳдадориҳо дар ҷадвалҳои зерин оварда шудаанд:

	Ҷумҳурии Тоҷикистон	Русия	Дигарон	Ҳамагӣ 2022 с.
ДОРОИҲОИ МОЛИЯВӢ:				
Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо	4,309	-	-	4,309
Захираҳои ҳатмӣ дар Бонки Миллии Тоҷикистон	98	-	-	98
Воситаҳо дар бонкҳо	2,087	118	-	2,205
Қарзҳо ба мизоҷон	29	-	-	29
Ҳисобҳо барои қабул	10,901	-	-	10,901
	17,424	118	-	17,542
УҲДАДОРИҲОИ МОЛИЯВӢ:				
Амонатҳои мизоҷон	719	-	-	719
Воситаҳои бонкҳо ва ташкилотҳои молиявӣ	10,064	7	-	10,071
Ҳисобҳо барои пардохт	3,030	-	160	3,190
Ӯҳдадориҳо аз рӯи иҷора	176	-	-	176
Дигар ӯҳдадориҳо	97	-	-	97
	14,086	7	160	14,253
МАВҚЕЪИ СОФ	3,338	111	(160)	3,289

	Ҷумҳурии Тоҷикистон	Русия	Дигарон	Ҳамагӣ 2021 с. (санҷишнашуда)
ДОРОИҲОИ МОЛИЯВӢ:				
Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо	84	-	-	84
Воситаҳо дар бонкҳо	5,810	-	-	5,810
Ҳисобҳо барои қабул	11,140	-	-	11,140
	17,034	-	-	17,034
УХДАДОРИХОИ МОЛИЯВИ:				
Воситаҳои бонкҳо ва ташкилотҳои молиявӣ	7,323	-	-	7,323
Ҳисобҳо барои пардохт	3,617	-	524	4,141
Ӯҳдадориҳо аз рӯи иҷора	294	-	-	294
Дигар ӯҳдадориҳо	25	-	-	25
	11,259	-	524	11,783
МАВҚЕЪИ СОФ	5,775	-	(524)	5,251

Хавфи пардохтпазирӣ

Хавфи пардохтпазирӣ ин хавфи пайдоиши мушкилиҳоест, ки ба гирифтани воситаҳои бозпардохти ӯҳдадориҳо ҳангоми расидани мӯҳлати воқеии пардохти онҳо ва қонеъсозии талабот ба воситаҳои пулӣ дар раванди қарздиҳӣ ба мизоҷон вобаста мебошанд.

Роҳбарият ин намуди хавфро тавассути таҳлили мӯҳлатҳои бозпардохт назорат намуда, стратегияи Ташкилотро барои давраи минбаъдаи молиявӣ муайян мекунад. Идоракунии пардохтпазирии ҷорӣ аз ҷониби Комитети идораи дороиҳо ва ухдадорихо амалӣ карда мешавад, ки вай пардохтпазирии ҷориро дар сатҳи ҳадди ақали хавфи пардохтпазирӣ нигоҳ медорад.
Дар ҷадвале, ки дар поён оварда шудааст, таҳлили хавфи фоизии тавозунӣ ва хавфи дороиҳои бозоргир тасвир ёфтааст:

	Фоизи миёнавазн	То 1 моҳ	1 - 3 моҳ	3 моҳ- 1 сол	1 сол- 5 сол	с. 2022 Ҳамагӣ
ДОРОИҲОИ МОЛИЯВӢ:						
Қарзҳои ба мизоҷон додашуда	22%	-	-	29	-	29
Ҳамаги дороиҳои молиявие, ки аз руи онҳо фоизҳо ҳисоб карда мешаванд		-	-	29	-	29
Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо		4,309	-	-	-	4,309
Захираҳои ҳатмӣ дар Бонки Миллии Тоҷикистон		98	-	-	-	98
Воситаҳо дар бонкҳо		2,205				2,205
Ҳисобҳо барои қабул		10,901	-	-	-	10,901
		17,513	-	-	-	17,513
ӮҲДАДОРИҲОИ МОЛИЯВӢ:						
Ӯҳдадориҳо аз рӯи иҷора	15%	27	54	36	59	176
Ҳамаги ӯҳдадориҳои молиявие, ки аз руи онҳо фоизҳо ҳисоб карда мешаванд		27	54	36	59	176
Амонатҳои мизоҷон		719	-	-	-	719
Воситаҳои бонкҳо ва ташкилотҳои молиявӣ		10,071	-	-	-	10,071
Ҳисобҳо барои пардохт		3,190	-	-	-	3,190
Дигар ӯҳдадориҳо		97	-	-	-	97
		14,104	54	36	59	14,253
Фарқият байни дороиҳо ва ӯҳдадориҳо		3,409	(54)	(36)	(59)	3,260
Фарқият байни дороиҳо ва ӯҳдадориҳое, ки аз рӯи онҳо фоизҳо ҳисоб карда мешаванд		(27)	(54)	(7)	(59)	(147)

	Фоизи миёнавазн	То 1 моҳ	1 - 3 моҳ	3 моҳ- 1 сол	1 сол- 5 сол	с. 2021 (санҷишнашуда) Ҳамагӣ
ДОРОИҲОИ МОЛИЯВӢ:						
Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо		84	-	-	-	84
Воситаҳо дар бонкҳо		5,810	-	-	-	5,810
Ҳисобҳо барои қабул		11,140	-	-	-	11,140
		17,034	-	-	-	17,034
ӮҲДАДОРИҲОИ МОЛИЯВӢ:						
Ӯҳдадориҳо аз рӯи иҷора	15%	20	39	190	45	294
Ҳамаги ӯҳдадориҳои молиявие, ки аз руи онҳо фоизҳо ҳисоб карда мешаванд		20	39	190	45	294
Воситаҳои бонкҳо ва ташкилотҳои молиявӣ		7,323	-	-	-	7,323
Ҳисобҳо барои пардохт		4,141	-	-	-	4,141
Дигар ӯҳдадориҳо		25	-	-	-	25
		11,509	39	190	45	11,783
Фарқият байни дороиҳо ва ӯҳдадориҳо		5,525	(39)	(190)	(45)	5,251
Фарқият байни дороиҳо ва ӯҳдадориҳое, ки аз рӯи онҳо фоизҳо ҳисоб карда мешаванд		(20)	(39)	(190)	(45)	(294)

Давраҳои бозпардохти дороиҳову ӯҳдадориҳо ва қобилияти ивазкунии ӯҳдадориҳои фоизӣ дар сурати мавҷудияти зарарҳои қобили қабул (дар лаҳзаи бозпардохти онҳо) барои муайянкунии бозоргирии Ташкилот ва ҳассоснокии он ба тағйирёбии меъёрҳои фоизӣ ва қурбҳои мубодилавӣ аз шартҳои муҳим мебошанд.

Таҳлили минбаъдаи хавфи пардохтпазирӣ ва хавфи тағйирёбии меъёри фоизӣ мутобиқи СБҲМ 7 дар ҷадвалҳои зерин нишон дода шудааст. Маблағҳое, ки дар ин ҷадвалҳо оварда шудаанд, ба маблағҳои дар ҳисоботи тавозунӣ инъикосёфта мувофиқат намекунанд, чунки ҷадвале, ки дар поён оварда шудааст, таҳлили мӯҳлатҳои ӯҳдадориҳои молиявиро дар бар мегирад. Ин таҳлил пардохтҳои маҷмуии аз рӯи қарордодҳо боқимондаро (аз ҷумла пардохти фоизҳо), ки дар ҳисоботи тавозунӣ аз рӯи усули меъёри самараноки фоизӣ эътироф нагардидаанд, нишон медиҳад.

Таҳлили ӯҳдадориҳои молиявии ғайридисконтӣ

Ҷадвали дар поён овардашуда тақсимкунии ӯҳдадориҳои Ташкилотро оиди селаи пулии дисконтнакардашуда шартномавӣ ба ҳолати 31 декабри солҳои 2022 ва 2021 нишон медиҳад

	Фоизи миёна-вазн	То 1 моҳ	1 - 3 моҳ	3 моҳ-1 сол	1 сол-5 сол	с. 2022 Ҳамагӣ
Ӯҳдадориҳо аз рӯи иҷора		29	58	45	71	203
		29	58	45	71	203

	Фоизи миёна-вазн	То 1 моҳ	1 - 3 моҳ	3 моҳ-1 сол	1 сол-5 сол	с. 2021 (санҷишнашуда) (санҷишнашуда) Ҳамагӣ
Ӯҳдадориҳо аз рӯи иҷора		23	46	207	46	322
		23	46	207	46	322

Хавфи бозорӣ

Хавфи бозорӣ хавфи тағйирёбии меъёри фоизӣ, хавфи асъорӣ ва хавфҳои дигари нархиро, ки Ташкилот ба онҳо гирифтор шуда метавонад, дар бар мегирад. Соли 2022 дар таркиби ин хавфҳо ва усулҳои баҳогузориву идоракунии хавфҳои мазкур дар Ташкилот тағйиротҳо ба амал наомаданд, зеро ки Ташкилот воситаҳоро аз рӯи меъёри шинокунанда ҷалб менамояд.

Дар ҳолати ҷалб намудани воситаҳо бо миқдори шинокунандаи фоизӣ таваккалҳо аз ҷониби Ташкилот бо роҳи дастгирии таносуби зарурӣ байни заёмҳо оид ба миқдорҳои бақайдгирифташуда ва миқдорҳои шинокунанда идора карда мешаванд.

Таҳлили хафви фоизӣ

Ташкилот таваккалҳои тағйирёбии миқдорҳои фоизиро тавассути гузаронидани арзёбии даврии зарарҳои эҳтимолӣ идора мекунад, ки метавонанд дар натиҷаи тағйирёбии номусоиди шароитҳои бозорӣ пайдо шаванд. Шуъбаи назоратӣ мониторинги вазъи ҷории молиявии Ташкилотро гузаронида, эҳсоснокии Ташкилотро ба тағйирёбии миқдорҳои фоизӣ ва таъсири онҳоро ба даромаднокии Ташкилот арзёбӣ менамояд.

Хавфи асъорӣ

Хавфи асъорӣ хавфи тағйирёбии арзиши воситаи молиявиро, ки вобаста ба тағйирёбии қурби мубодилаи асъор ба миён меояд, дар бар мегирад. Вазъи молиявӣ ва воридоту содироти пулии Ташкилот ба таъсири калавиши қурби мубодилавии асъори хориҷӣ гирифтор аст. Роҳбарият хавфи асъориро бо роҳи муайянкунии мавқеи кушодаи асъорӣ идора мекунад, дар ин ҳангом беқурбшавии пешбинишавандаи сомони ва индикаторҳои дигари макроиқтисодӣ ба назар гирифта мешаванд, ин ба Ташкилот имконият медиҳад, ки ҳаҷми зарари аз тағйирёбии қурбҳои асъори милливу хориҷӣ тавлидшавандаро ба ҳадди ақал расонад.

Маълумот дар бораи сатҳи хавфи асъории Ташкилот тариқи зайл нишон дода шудааст:

	Сомони	Долл. ИМА	Рубли русӣ	соли 2022 Ҳамагӣ
ДОРОИҲОИ МОЛИЯВӢ:				
Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо	3,797	490	22	4,309
Захираҳои ҳатмӣ дар Бонки Миллии Тоҷикистон	15	83	-	98
Воситаҳо дар бонкҳо	1,872	215	118	2,205
Қарзҳои ба мизоҷон додашуда	29	-	-	29
Ҳисобҳо барои қабул	10,901	-	-	10,901
	16,614	788	140	17,542
ӮҲДАДОРИҲОИ МОЛИЯВӢ				
Амонатҳои мизоҷон	346	373	-	719
Воситаҳои бонкҳо ва ташкилотҳои молиявӣ	10,064	7	-	10,071
Ҳисобҳо барои пардохт	3,030	-	160	3,190
Ӯҳдадориҳо аз рӯи иҷора	176	-	-	176
Дигар ӯҳдадориҳо	97	-	-	97
	13,713	380	160	14,253
МАВҚЕИ КУШОДАИ ТАВОЗУНӢ	2,901	408	(20)	3,289

	Сомони	Долл. ИМА	Рубли русӣ	соли 2021 (санҷишнашуда) Ҳамагӣ
ДОРОИҲОИ МОЛИЯВӢ:				
Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо	27	52	5	84
Воситаҳо дар бонкҳо	5,322	488	-	5,810
Ҳисобҳо барои қабул	11,140	-	-	11,140
	16,489	540	5	17,034
ӮҲДАДОРИҲОИ МОЛИЯВӢ				
Воситаҳои бонкҳо ва ташкилотҳои молиявӣ	7,323	-	-	7,323
Ҳисобҳо барои пардохт	3,617	-	524	4,141
Ӯҳдадориҳо аз рӯи иҷора	294	-	-	294
Дигар ӯҳдадориҳо	25	-	-	25
	11,259	-	524	11,783
МАВҚЕИ КУШОДАИ ТАВОЗУНӢ	5,230	540	(519)	5,251

Гурӯҳбандиҳои баҳисобгирӣ ва арзиши одилона

Ҷадвали зерин арзишҳои тавозунӣ ва одилонаи дороиҳо ва ӯҳдадориҳои молиявиро ба ҳолати санаи 31 декабри соли 2022 нишон медиҳад:

	Дигарҳо, бо арзиши истеҳлокӣ баҳо дода мешаванд	Бо арзиши одилона баҳо дода мешаванд	Бо арзиши одилона ба воситаи ДДМ баҳо дода мешаванд	Арзиши тавозунии умумӣ	Арзиши одилона
ДОРОИҲОИ МОЛИЯВӢ:					
Воситаҳои пулӣ ва мубодилаҳои онҳо	4,309	-	-	-	4,309
Захираҳои ҳатмӣ дар Бонки Миллии Тоҷикистон	98	-	-	-	98
Воситаҳо дар бонкҳо	2,205	-	-	-	2,205
Қарзҳои ба мизоҷон додашуда	29	-	-	-	29
Ҳисобҳо барои қабул	10,901	-	-	-	10,901
	17,542	-	-	-	17,542
ӮҲДАДОРИҲОИ МОЛИЯВӢ					
Воситаҳои бонкҳо ва ташкилотҳои молиявӣ	10,071	-	-	-	10,071
Амонатҳои мизоҷон	719	-	-	-	719
Ҳисобҳо барои пардохт	3,190	-	-	-	3,190
Ӯҳдадориҳо аз рӯи иҷора	176	-	-	-	176
Дигар ӯҳдадориҳо	97	-	-	-	97
	14,253	-	-	-	14,253

Ҷадвали зерин арзишҳои тавозунӣ ва одилонаи дороиҳо ва ӯҳдадориҳои молиявиро ба ҳолати санаи 31 декабри соли 2021 нишон медиҳад:

	Дигарҳо, бо арзиши истеҳлокӣ баҳо дода мешаванд	Бо арзиши одилона баҳо дода мешаванд	Бо арзиши одилона ба воситаи ДДМ баҳо дода мешаванд	Арзиши тавозунии умумӣ	Арзиши одилона
ДОРОИҲОИ МОЛИЯВӢ:					
Воситаҳои пулӣ ва мубодилаҳои онҳо	84	-	-	-	84
Воситаҳо дар бонкҳо	5,810	-	-	-	5,810
Ҳисобҳо барои қабул	11,140	-	-	-	11,140
	17,034	-	-	-	17,034
ӮҲДАДОРИҲОИ МОЛИЯВӢ					
Воситаҳои бонкҳо ва ташкилотҳои молиявӣ	7,323	-	-	-	7,323
Ҳисобҳо барои пардохт	4,141	-	-	-	4,141
Ӯҳдадориҳо аз рӯи иҷора	294	-	-	-	294
Дигар ӯҳдадориҳо	25	-	-	-	25
	11,783	-	-	-	11,783

Дараҷаҳои иерархии арзиши одилонаи воситаҳои молиявӣ

Арзиши одилона ҳамчун арзиш, ки аз рӯи он инструмент метавонад ҳангоми анҷом додани аҳдҳо байни тарафҳои ба таври зарурӣ огоҳбуда ва хоҳиши чунин анҷом додани аҳдҳоро дошта бошанд, инчунин тарафҳои аз якдигар новобаста, ғайри ҳолатҳои фурӯши маҷбурӣ ё барҳамдиҳӣ ба даст оварда мешавад. Арзёбиҳои пешниҳодшуда метавонанд ҷамъи маблағҳоеро инъикос накунанд, ки Ташкилот зимни фурӯши воқеии бастаҳои онҳо ё дигар инструментҳои молиявии доштаи ӯ метавонист ба даст оварад.

Арзиши тавозунии воситаҳои пулӣ ба арзиши одилона бинобар кӯтоҳмуддат будани чунин инструментҳои молиявӣ тақрибан баробар аст.

СБҲМ (IFRS) 13 арзиши одилонаро ҳамчун маблағе, ки ҳангоми фурӯши дороӣ гирифта шудааст ё пардохти дар мавриди супоридани ӯҳдадорӣ, ки дар доираи созиши оддӣ нисбати бозорӣ асосӣ (нисбатан муфид) ба санаи арзёбӣ дар шароитҳои ҷории бозорӣ ба миён омадааст, муайян месозад. Азбаски барои аксари воситаҳои молиявии Ташкилот бозорҳо вуҷуд надоранд барои муайян намудани арзиши одилона мулоҳизаеро татбиқ бояд намуд, ки шароити ҷории муҳити иқтисодӣ ва хавфҳои махсусро ба инобат гирад.

Ба санаи 31 декабри солҳои 2022 ва 2021 барои баҳодиҳии арзиши одилонаи воситаҳои молиявӣ, ки нисбати онҳо муаянкунии арзиши мазур ҷоиз буд, Ташкилот усулҳо ва фарзияҳои зеринро истифода намуд:

Воситаҳои пулӣ ва мубодилаи онҳо – арзиши ҷории воситаҳои пулӣ ва муодили онҳо, ки мувофиқи арзиши одилона мебошанд.

Ҳисобҳо барои қабул ва қарздории дебитории ғайр – арзиши ҷорӣ бо арзиши одилонаи воситаҳои молиявии мазкур тахминан мувофиқат мекунад, чунки захира оиди қарзҳои шубҳанок арзёбии имконпазири дисконти зарурӣ мебошад, ки дар навбати худ хавфи қарзиро муайян месозад.

Ҳисобҳо барои пардохт ва ӯҳдадориҳои ғайр – арзиши ҷорӣ бо арзиши одилонаи воситаҳои молиявии мазкур аз сабаби хосияти кӯтоҳмуддат доштани восита тахминан мувофиқат мекунад. Ӯҳдадориҳои дарозмуддат – арзиши ҷорӣ бо арзиши одилонаи воситаҳои молиявии мазкур тахминан мувофиқат мекунад, чунки меъёри фоизии ӯҳдадориҳои дарозмуддат бо меъёрҳои бозорӣ тахминан мувофиқат мекунад, истинод ба қарзҳое, ки дар санаи ҳисоботӣ дорои хавфҳои қарзӣ ва мӯҳлати пардохти монанд мебошанд.

Арзиши одилона дар навбати аввал ба воситаи истифодаи қурбҳои бозорӣ ё тамсилаҳои стандартии нархгузорӣ муайян мешавад, ки дар мавриди мавҷуд будан ба маълумотҳои ибтидоии дастрас такя менамояд ва ҳамчун зиёдшавии/камшавии пулии ояндаи умумӣ муайян мешавад. Ташкилот арзиши одилонаи воситаҳои молиявиро дар иерархияи седараҷавӣ гурӯҳбандӣ менамояд, ки ба дараҷаи саҳеҳии манбаҳо ва мушоҳидакории маълумотҳои ибтидоӣ асоснок шадаанд, ки онҳо дар навбати худ барои баҳодиҳии арзиши одилонаи молиявии дорої ва ӯҳдадорӣ чунин истифода мешаванд:

Дараҷаи 1	Маълумотҳои ибтидоии дараҷаи 1 – ин нархҳои гардишии (ғайритасҳеҳӣ) дар бозорҳои фаъол барои дороиҳо ва ӯҳдадориҳои комилан мутобиқ мавҷуд буда мебошанд, ки Ташкилот метавонад дар санаи арзёбӣ ба онҳо рухсат гирад.
Дараҷаи 2	Маълумотҳои ибтидоии дараҷаи 2 – ин маълумотҳои ибтидоие, ки ба нархҳои гардишии дар Дараҷаи 1 дохил карда шуда таалуқ надоранд, ва онҳое, ки бевосита ё бавосита барои дорої ё ӯҳдадорӣ мушоҳидашаванда мебошанд.
Дараҷаи 3	Маълумотҳои ибтидоии дараҷаи 3 – ин маълумотҳои ибтидоии мушоҳиданашаванда барои дорої ё ӯҳдадорӣ мебошанд.

Ба маълумотҳои ибтидоии дараҷаи якум дар навбати аввал дороиҳо ва ухдадориҳои молиявие, ки дар биржа савдо мешаванд таалуқ доранд, дар ҳоле ки дар гурӯҳбандии дараҷаи дуюм, аввалан, дороиҳо ва ӯҳдадориҳои молиявие, ки арзиши одилонаашон вобаста аз қурбҳои асъорӣ ва осон мушоҳидашаванда муайян мешаванд, таалуқ доранд. Ба гурӯҳбандии дараҷаи сеюм, дар навбати аввал он дороиҳо ва ӯҳдадориҳои молиявие таалуқ доранд, ки арзиши одилонаи онҳо аз тамсилаҳое вобастаанд, ки арзёбиҳо, сифат ва дифференсиалҳои қарзии мувофиқи бозориро истифода мебаранд. Дар шароите, ки Ташкилот ба воситаи маълумотҳои ибтидоии бозории мушоҳидашаванда арзиши одилонаро (арзиши одилонаи дараҷаи сеюм) тасдиқ карда наметавонад, эҳтимоли тамсилаи дигари арзёбӣ метавонад ба арзёбии сатҳи назараси арзиши одилона оварда расонад.
Мувофиқи сиёсати Ташкилот амалиётҳое, ки бо савдои воситаҳои молиявӣ вобастаанд дар доираи созиши умумӣ оиди баҳисобгирии мутақобила ё шартномаҳои мӯҳлатии ғайр оиди эҳтимолияти баҳисобгирии мутақобилаи бақияҳо дар назди/аз контрагентҳо дар ҳолати пардохтнопазирӣ ё муфлисшавӣ муайян мешаванд.

Ҷадвалҳои зеромада арзишҳои тавозунии дороиҳо ва ӯҳдадориҳои молиявиро ба ҳолати санаи 31 декабри солҳои 2022 ва 2021 нишон медиҳанд. Дороиҳо ва ӯҳдадориҳои ғайре, ки аз рӯи арзиши одилона дар асоси доимӣ арзёбӣ магарданд воситаҳои пулӣ ва муодили онҳо мебошанд. Арзёбии арзиши одилона дар асоси ғайридоимӣ таҳия нагардидааст.

	Дараҷаи 1	Дараҷаи 2	Дараҷаи 3	31 декабри с. 2022 Ҳамагӣ
ДОРОИҲОИ МОЛИЯВӢ:				
Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо	4,309	-	-	4,309
Захираҳои ҳатмӣ дар Бонки Миллии Тоҷикистон	98	-	-	98
Воситаҳо дар бонкҳо	2,205	-	-	2,205
Қарзҳои ба мизоҷон додашуда	-	29	-	29
Ҳисобҳо барои қабул	-	10,901	-	10,901
	6,612	10,930	-	17,542
ӮҲДАДОРИҲОИ МОЛИЯВӢ				
Воситаҳои бонкҳо ва ташкилотҳои молиявӣ	10,071	-	-	10,071
Амонатҳои мизоҷон	-	719	-	719
Ҳисобҳо барои пардохт	-	3,190	-	3,190
Ӯҳдадориҳо аз рӯи иҷора	-	176	-	176
Дигар ӯҳдадориҳо	-	-	97	97
	10,071	4,085	97	14,253

	Дараҷаи 1	Дараҷаи 2	Дараҷаи 3	31 декабри с. 2021 (санҷишнашуда) Ҳамагӣ
ДОРОИҲОИ МОЛИЯВӢ:				
Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо	84	-	-	84
Воситаҳо дар бонкҳо	5,810	-	-	5,810
Ҳисобҳо барои қабул	-	11,140	-	11,140
	5,894	11,140	-	17,034
ӮҲДАДОРИҲОИ МОЛИЯВӢ				
Воситаҳои бонкҳо ва ташкилотҳои молиявӣ	7,323	-	-	7,323
Ҳисобҳо барои пардохт	-	4,141	-	4,141
Ӯҳдадориҳо аз рӯи иҷора	-	294	-	294
Дигар ӯҳдадориҳо	-	-	25	25
	7,323	4,435	25	11,783

Таҳлили ҳассосият ба асъори хориҷӣ

Дар ҷадвали поён таҳлили ҳассосияти Ташкилот ба афзоишу камшавии 10%-и қурби доллари ИМА нисбати сомони дар солҳои 2020 ва 2019 оварда шудааст. Роҳбарияти Ташкилот ақида дорад, ки дар шароити мавҷудаи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон афзоишу камшавии 10% тағйири воқеии қурби мубодилавии сомонии тоҷикиро нисбати доллари ИМА нишон медиҳад. 10% ин сатҳи ҳассосиятест, ки дар дохили Ташкилот барои таҳиякунии ҳисобот оид ба хавфи асъорӣ барои ҳайати асосии роҳбарияти Ташкилот истифода карда шуда, баҳои роҳбарияти Ташкилотро нисбати тағйирёбии имконпазири қурбҳои асъорӣ нишон медиҳад. Ба таҳлили ҳассосият фақат маблағҳо дар асъори хориҷӣ, ки ба интиҳои давра мавҷуданд, ворид карда мешаванд, дар рафти мубодилаи ин маблағ дар охири давра қурбҳое истифода мешаванд, ки дар қиёс бо қурби ҷорӣ дар ҳаҷми 10% тағйир ёфтаанд.
Дар поён таъсирот ба фоидаи соф дар асоси арзиши номиналии дорой ба санаи 31 декабри солҳои 2022 ва 2021 нишон дода шудааст:

		31 декабри соли 2022		31 декабри соли 2021 (санҷишнашуда)	
	Асъор	Қурби расмӣ, +10%	Қурби расмӣ, -10%	Қурби расмӣ, +10%	Қурби расмӣ, -10%
Таъсирот ба фоидаву зарар	Долл. ИМА	56	(56)	2	(2)

Маҳдудиятҳои таҳлили ҳассосият

Дар ҷадвалҳои боло таъсири тағйиротҳо нишон дада шудааст, дар асоси гумоне, ки дигар фарзияҳо бетағйир мемонанд. Дар асл байни фарзияҳо ва дигар омилҳо алоқа вуҷуд дорад. Инчунин бояд қайд намуд, ки ҳассосият хусусияти ғайриростхатта дорад, аз ин рӯ набояд интерполятсия ва экстерполятсияи натиҷаҳои бадастовардашуда ба амал оварда шаванд.

Таҳлили ҳассосият ба ҳисоб намегирад, ки дороиҳо ва ӯҳдадориҳоро фаъолона идора мекунад. Илова ба ин, вазъи молиявии Ташкилот вобаста ба тағйиротҳое, ки дар бозор ба амал меоянд, иваз шуда метавонад. Масалан, стратегияи Ташкилот дар соҳаи идоракунии хавфҳои молиявӣ ба идоракунии хавфи тағйирёбии бозор нигаронида шудааст. Дар сурати тағйирёбии шадиди манфии нархҳо дар бозори коғазҳои қиматнок роҳбарият метавонад аз усулҳое ба мисли фурӯши сармояҳо, тағйирёбии таркиби ҷузвдони сармоявӣ, инчунин усулҳои дигари муҳофизатӣ истифода барад. Мувофиқан, тағйирёбии фарзияҳо метавонад ба ӯҳдадориҳо таъсир нарасонад, вале ба дороиҳое, ки дар тавозун аз рӯи нархи бозорӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд, таъсири назаррас мерасонад. Дар чунин ҳолат усулҳои гуногуни баҳогузории дороиҳо ва ӯҳдадориҳо ба тағйирёбии назарраси ҳаҷми воситахои худӣ оварда метавонанд.

Маҳдудиятҳои дигар дар таҳлили дар боло овардашудаи ҳассосият дар бозор истифодаи гардиши фарзиявиро дар бар мегирад. Мақсади онҳо шарҳи хавфи эҳтимолиест, ки аз пешгуии Ташкилот бобати тағйиротҳо дар бозор иборат буда, боэътимодона пешбинӣ намудани онҳо ғайриимкон аст.

27. ҲИСОБОТИ СЕГМЕНТӢ

Фаъолияти Ташкилот асосан ба қарздиҳии тиҷоратӣ ва фаъолияти оператори низоми пардохтиро доро буда, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамаркуз ёфтааст.

28. РӮЙДОДҲО ПАС АЗ САНАИ ҲИСОБОТӢ

Ба ҳолати санаи нашри ҳисоботи молиявии мазкури Ташкилот дилхоҳ ҳодисаҳо ва ё додугирифти муҳиме иловагие руй надодааст, ки дар ҳисоботи молиявӣ тибқи СБҲМ (IAS) 10 "Рӯйдодҳо пас аз санаи ҳисоботӣ" ошкор карда нашудааст.